ДАР СУҲБАТИ УСТОД ФАРЗОНА с. 8

11 ТИЛОИ УСТОДОНИ ВАРЗИШ с. 15

ҲАМЛАИ ИСРОИЛ БА ЭРОН с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№44 (1607), 30.10.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ИНТИҚОДИ ПРЕЗИДЕНТ

вақте ки **“лайк”** боиси сарсонии мардум мешавад...

## ДАР ИН ШУМОРА:

**МАҶМААИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ**
Рамзи ҳувияти миллӣ ва шинохти тоҷикон
с.3

**ПЕШОНИИ КАФИДА**
Чаро Махсумов бо Назаршоев баробар нест?
с.10

**ИНТИХОБОТИ ИМА**
Камала Ҳарис ё Доналд Трамп?
с.4

**КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ**
Чаро омӯзгори ҷавон латукӯб шуд?
с.11

**КАНЗИ ШИФО**
“Шпаргалка” барои фишорбаландон
с.12

**ВАРЗИШ**
Наврасон ба финали Ҷоми Осиё роҳ ёфтанд
с.15

ARZON.TJ | Сайт объявлений
На колесах к своей мечте!
Лучшие предложения по автотранспорту только у нас!
www.arzon.tj Посетите наш сайт
Больше информации по номеру (+992) 000-88-29-18






# МАҶМААИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

## ТОҶ

Дар болои арк, дар зери нурҳои дурахшони офтоб тоҷ ҳамчун рамзи давлатдории тоҷикон дар пояи куракшакл медурахшад. Диаметри тоҷ **4,5** метр мебошад.

## АРК

Арки бузург, ки бо ҳафт қабати сталактитҳо мустаҳкам гардидааст, дар Шарқ рамзи ҳафт сайёраи системаи офтобӣ ва рамзи устуворӣ ва поёдории давлатдории тоҷикон мебошад.
Баландии арк **40** метр.

## МУҶАССАМАИ ШОҲ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

бо баландии **12** метр аз фулузоти биринҷӣ сохта шудааст.

## ШЕРҲОИ ХОБИДА

- рамзи сулҳу суботу осоиш, рамзи ҳокимият мебошанд. Баландии шерҳо **3,5** метр.



- Муаллифи лоиаҳи Маҷмааи Шоҳ **Исмоили Сомонӣ** меъмори тоҷик Баҳовадин Зуҳурдинов аст. Муҷассамаи Шоҳ **Исмоили Сомониро** ҳайкалтароши рус Лев Кербел сохтааст.
- Ҳангоми офаридани симои **Исмоили Сомонӣ** муаллиф аз маълумоти таърихӣ, китоби визири дарбори Сомониён Абӯабдуллоҳ Ҷайҳонӣ «Ашкол-ул-олам», ки аввали асри X, дар замони ҳукмронии Насри II ибни Аҳмад навишта шудааст, истифода кардааст.
- Дар пушти Маҷмааи Шоҳ **Исмоили Сомонӣ** дар майдон харитаи Давлати Сомониён аз санг сохта шудааст. Харита қаблан тамоми ҷуғрофиёи Давлати Сомониёнро фаро нагирифта буд. Чанд сол қабл бо пешниҳоди муаррихи тоҷик Некрӯз Сафарзода харитаи комили Давлати Сомониён таҳия гардид.
- Маҷмааи **Исмоили Сомонӣ** дар майдони «Дӯстӣ» ба муносибати таҷлили 1100-солагии Давлати Сомониён бунёд гардида, нахуст "Муҷтамаи ёдгории оштии миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон" ном дошт.
Маҷмаа соли **1999** бунёд гашт ва ҳоло 25 сола шуд.


ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

**БА ТАВАҶҶУҲИ АФРОДЕ, КИ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДОРАНД!**

## МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ - РАМЗИ ТОҶИКИСТОН:

# ҚАДАМЕ БА СӮИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА ШИНОХТИ ТОҶИКОН

Ҳазору сад сол қабл аз ин, миллати шарафманди тоҷик тахти раҳбарии абармарди одил Исмоили Сомонӣ ба шоҳроҳи эҳёи ҳайратовари миллӣ ва фарҳангӣ ворид шуд ва ба дастовардҳои оламшумул ва бебаҳои таърихӣ ноил гардид. Баъди ҳазору сад соли ин гардиши таърихӣ, мо тоҷикон, боз дар рӯ ба рӯйи дарёфти мақом ва ҷойгоҳи шоиста дар низоми навини ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтем.

Маҳз Сомониён тавонистанд ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Фарҳангу тамаддуни аҳди Сомониён имрӯз на танҳо мероси таърихии халқи тоҷик, балки сарвати халқҳои Осиёи Марказӣ ва умумибашарӣ ба шумор меравад.

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Рамзҳои миллӣ дар ҳамаи кишварҳо ҳамчун воситае барои инъикоси ҳувият, таърих ва арзишҳои давлату давлатдорӣ хидмат мекунанд. Онҳо на танҳо ифтихори миллӣ, балки пайванди амиқ ба гузашта ва ояндаро низ таҷассум менамоянд. Тоҷикистон, бо таърихи ғанӣ ва шахсиятҳои бузурги худ, имконияти фаровоне дорад, ки аз онҳо рамзҳои пурмазмун ва ифтихорӣ созад. Яке аз чунин рамзҳо, ки метавонад ҳамчун нишонаи расмии Тоҷикистон истифода шавад, муҷассамаи Исмоили Сомонӣ аст, ки бо шахсияти таърихӣ ва муассиси аввалин давлати тоҷикон, давлати Сомониён, алоқаманд мебошад.*

### ЧАРО ИСМОИЛИ СОМОНӢ БАРОИ ТОҶИКИСТОН МУҲИМ АСТ?

Исмоили Сомонӣ, асосгузори давлати Сомониён, дар таърихи тоҷикон нақши бузург дорад. Зери роҳбарии ӯ, давлати Сомониён ба давраи тилоии худ расид ва ба маркази илм, ҳунар ва фарҳанг табдил ёфт. Таърихшиносон ин давраи таърихиро ҳамчун замоне тавсиф мекунанд, ки тоҷикон фарҳангу ҳунари хоси худро рушд дода, саҳми арзанда дар тамаддуни ҷаҳонӣ гузоштаанд. Ин шахсият барои мардуми тоҷик рамзи ҳувияти миллӣ, фарҳанги бой ва истиқлолият мебошад. Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, ки бо заҳмати зиёди Пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Душанбе қомат афрохтааст, метавонад ин арзишҳоро ба тамоми аъзои ҷомеа ва ҷаҳон муаррифӣ кунад.

### ТАҶРИБАИ ДИГАР КИШВАРҲО ДАР ИСТИФОДАИ РАМЗҲО

Кишварҳои гуногун дар истифодаи рамзҳои миллии худ таҷрибаҳои муваффақ доранд, ки онҳо метавонанд барои Тоҷикистон раҳнамо бошанд. Масалан, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо муҷассамаи Озодӣ шинохта мешавад, ки ба ҷаҳон паёми озодӣ ва имкониятҳоро мерасонад. Ин муҷассама аз тарафи Фаронса ба Амрико ҳадя шуда, ба рамзи истиқлол ва орзуҳои амрикоӣ табдил ёфтааст. Дар саросари ҷаҳон ин рамз ҳамчун нишони озодӣ пазируфта шудааст ва боиси афзун шудани шинохти фарҳанги амрикоӣ гаштааст.

Дар Фаронса, Бурҷи Эйфел рамзи меъмории беназир ва қудрати илмӣ мебошад. Он ҳамчун нишонаи қудрати фарҳангии фаронсавиҳо шинохта шудааст ва тавассути он Порис ба маркази фарҳанг ва сайёҳӣ табдил ёфтааст. Маҳз тавассути истифодаи васеи он дар филмҳо, адабиёт ва санъат, Бурҷи Эйфел тавонист ба рамзи ҷаҳонии Фаронса табдил ёбад.

Дар Қазоқистон, Байтерак рамзи истиқлол ва шинохти нави миллии қазоқҳо аст. Он ба мардум эҳсоси пайванди қавӣ бо арзишҳои миллиро тақдим карда, шинохти байналмилалии Қазоқистонро низ афзудааст.

### МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ ҲАМЧУН РАМЗИ ТОҶИКИСТОН: ИМКОНИЯТҲО ВА ҲАДАФҲО

Пешниҳоди муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ҳамчун рамзи Тоҷикистон манфиатҳои зиёдеро дар бар мегирад. Ин рамз метавонад на танҳо ҳамчун нишони таърихӣ, балки ҳамчун ёдгорӣ, ки тоҷиконро муттаҳид мекунад ва ҳисси ифтихори миллиро тақвият мебахшад, хизмат кунад. Инчунин, муҷассамаи Исмоили Сомонӣ метавонад дар ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохти Тоҷикистонро беҳтар намояд ва эҳтироми мардуми тоҷикро ба мероси пуршарафи худ нишон диҳад.

### ҲАДАФИ АСОСИИ ИН РАМЗ

Ташаккули рамз бо ҳадафи муаррифии беҳтари таърихи тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ, тақвияти ҳувияти миллӣ ва эҳёи ифтихор аз мероси фарҳангии тоҷикон муҳим аст. Бо ёрии муҷассамаи Исмоили Сомонӣ метавон наслҳои ҷавонро бо таърихи худ шинос кард ва ба онҳо арзишҳои ватандӯстиро талқин намуд. Ҳамзамон, ин рамз метавонад нишонаи ҳамбастагӣ ва пайвасти амиқ ба таърихи гузашта бошад.

### ТАРҒИБИ МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ: РОҲҲОИ МУАССИР

Барои он ки муҷассамаи Исмоили Сомонӣ воқеан як рамзи расмии Тоҷикистон гардад ва шинохти худро афзун кунад, истифодаи роҳҳои гуногуни тарғиботӣ зарур аст. Ин равишҳо метавонанд тарғибро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ таъмин кунанд.

**1. Сайёҳӣ ва маросимҳои махсус:** Эҷоди турҳои сайёҳии махсус ба шаҳри Душанбе, ки шомили дидан аз муҷассамаи Исмоили Сомонӣ бошанд, метавонад на танҳо ба ҷалби сайёҳон мусоидат кунад, балки шинохти бештари рамзро низ таъмин намояд. Инчунин, метавон рӯзи махсуси "Рӯзи ифтихори миллӣ" таъсис дод, ба шахсияти таърихӣ ва аҳамияти муҷассама арҷ гузошт.

**2. Барномаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ:** Ташкили барномаҳои таълимӣ ва таърихӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, ки шомили баррасии шахсияти Исмоили Сомонӣ ва аҳамияти муҷассамаи ӯ мебошанд, метавонад дар тарбия ва ташаккули ифтихор аз таърихи миллӣ нақши муҳим бозад. Ҳамчунин ташкили сайри дастаҷамъонаи мактаббачагон ба муҷассама, маросимҳои аксбардории дастаҷамъона дар назди муҷассама, домоду арӯс мусоидат ба маъруфияти бештари рамз мекунанд.

**3. Тарғибот дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО:** Бо истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, ба мисли Instagram, Telegram, Facebook ва TikTok, ВАО метавон маъракаи тарғиботиро ба роҳ монд. Масалан, эҷоди ҳаштегҳо ва видеоҳое, ки муҷассамаи Исмоили Сомониро ҳамчун рамз муаррифӣ мекунанд, метавонад шинохти рамзро дар байни ҷавонон афзояд.

**4. Чорабиниҳои байналмилалӣ ва дипломатия:** Сохторҳои дипломатӣ метавонанд муҷассамаи Исмоили Сомониро ҳамчун рамзи расмии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар муаррифӣ намоянд. Ҳамчунин, додани тухфаҳо ва ёдгориҳое, ки муҷассамаро таҷассум мекунанд, ба меҳмонони хориҷӣ метавонад шинохти бештарро таъмин намояд.

**5. Брендсозии миллӣ:** Бисёр кишварҳо рамзҳои худро ҳамчун логотип ё нишонаи бренди миллӣ истифода мебаранд. Тоҷикистон низ метавонад муҷассамаи Исмоили Сомониро ҳамчун нишонаи шинохти байналмилалӣ дар логотипи маҳсулоти содиротӣ ва ширкатҳои миллӣ истифода барад. Ин равиш метавонад рамзро дар бозори байналмилалӣ муаррифӣ кунад.

**Хулоса**, муҷассамаи Исмоили Сомонӣ метавонад барои Тоҷикистон ҳамчун як рамзи пурқувват ва пурмазмун хидмат кунад. Ин рамз бо таҷассум кардани таърихи пуршарафи тоҷикон на танҳо ба афзун кардани шинохти миллӣ мусоидат хоҳад кард, балки шинохти Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ низ таҳким мебахшад. Ба ин васила, Тоҷикистон бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ҳамчун як кишваре шинохта хоҳад шуд, ки аз мероси пурифтихор ва шахсиятҳои таърихии худ ба таври дуруст истифода бурда, бо ифтихор баояндаи худ менигарад.

Тарғиб ва муаррифии ҳамаҷонибаи ин рамз метавонад насли ҷавонро дар худшиносӣ ва эҳтироми мероси худ тақвият бахшад ва Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ бо чеҳраи нави фарҳангӣ муаррифӣ намояд.

**Шариф ҲАМДАМПУР**



KUN.UZ **Ойбек Усмонов сафири нави Ӯзбекистон дар Афғонистон таъин гардид. Ӯ қаблан сафири ин кишвар дар Покистон буд.**

Усмонови 62-сола Донишгоҳи давлатии Тошкандро бо ихтисоси шарқшинос хатм кардааст. Қаблан ҳамчун сафир дар Миср ва Покистон ва ба ҳайси муовини вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон фаъолият кардааст. Ӯзбекистон ягона кишвари Осиёи Марказӣ аст, ки бо низоми Толибон равобити хуб дорад.



Deutsche Welle **Наим Қосим, ки то ин вақт муовини дабири кулли “Ҳизбуллоҳ” буд, ҳамакнун роҳбари ин гурӯҳ таъйин шуд. Ӯ ҷойгузини Ҳасан Насруллоҳ шуд.**

Наим Қосими 71-сола зодаи Лубнон аст ва беш аз 30 сол муовини роҳбари "Ҳизбуллоҳ" буд. Ӯ соли 1991 дар замони роҳбарии Аббос Мусавӣ муовини дабири кулли ин гурӯҳ шуд. Бо кушта шудани Аббос Мусавӣ, Наим Қосим вазифаи худро дар давраи Ҳасан Насруллоҳ ҳифз кард.



ТАСС **Аз аввали соли 2025 қимати иҷозаномаи корӣ ва ё патент дар шаҳри Маскав - пойтахти Русия 20 дарсад боло бурда мешавад. Дар ин бора 28-уми октябр Сергей Собянин - шаҳрдори Маскав хабар додааст.**

Ҳоло нархи патент 7400 рубл аст, ки тақрибан 9 ҳазор рубл мешавад. Собянин гуфтааст, ки сабаби боло бурдани қимати иҷозатномаи кор баробар кардани хароҷоти корфармоён барои муҳоҷирон ва коргарони рус аст. Дар Русия ҳудуди як миллион муҳоҷири тоҷик кору иқомат мекунанд ва аксарияти онҳо иҷозанома ё патент мегиранд.



# ҲАМЛАИ ИСРОИЛ БА ЭРОН

## Мавқеи Нетаняҳу ва ҳушдори Хоманаӣ

**Исроил рӯзи 26-уми октябр дар ҳамлаи ҷавобӣ Эронро мушакборон кард. Расонаҳо аз кушта шудани чор сарбози эронӣ ва осеб дидани чанд маркази низомӣ хабар доданд.**

The Wall Street Journal ба қавл аз Артиши Исроил менависад, ки дар ҳамлаи рӯзи шанбе се низоми зиддиҳавоии С-300-ро нобуд кардааст. С-300 бахши асосии низоми зиддиҳавоии Эронро ташкил мекард.

Бенямин Нетаняху, сарвазири Исроил рӯзи 27-уми октябр гуфт, ки дар ҳамла ба хоки Эрон ба тамоми ҳадафҳояшон расидаанд. Ӯ гуфт, ки аз ҳамлаи Исроил Эрон "ба шиддат осеб дидааст".

Сайид Алии Хоманаӣ рӯзи 27-уми октябр дар мулоқот бо хонаводаи кушташудаҳо дар ҳамлаи Исроил гуфт, ки набояд ин ҳамларо дасти кам гирифт. "Онҳо худашон ҳам албатта бузургнамоӣ мекунанд. Бузургнамоии онҳо ғалат аст, аммо таваҷҷуҳ дошта бошед, ки кӯчакангории он ҳам ғалат аст",- гуфт ӯ. Ӯ гуфт, агар эрониҳо бигӯянд, ки ҳамла "аҳамияте надошт", ин ҳам "ғалат аст".

Дар Эрон низ даъватҳое барои посух додан ба Исроил садо медиҳанд.

Ҳасан Шариатмадорӣ, намояндаи Хоманаӣ дар матлабе дар нашрияи "Кайҳон" хостори "посухи маҳкам ва раъдосо" ба Исроил шудааст. Ӯ гуфтааст, ки барои пуштибонӣ аз Исроил бояд сарбозону маконҳои низомии амрикоӣ дар минтақа низ ҳадаф қарор гиранд.

Президенти Эрон Масъуди Пизишкиён гуфт, ки ҷангро намехоҳад, балки аз ҳуқуқи мардум ва кишвар дифоъ хоҳад кард ва ба таҷовузи режими Исроил посухи муносиб хоҳад дод. Пизишкиён гуфт, ки ”мо ҷангро намехоҳем, аммо аз ҳуқуқи мардум ва кишвари худ дифоъ хоҳем кард”.

Вазири корҳои хориҷии Эрон дар номае ба унвони дабири кулли СММ ва раиси Шӯрои амният гуфтааст, Ҷумҳурии Исломии Эрон бар пояи асноде, ки дар Оинномаи СММ ва дар чаҳорҷӯби қонунҳои байналмилалӣ баён шудааст, ҳуқуқи дахлнопазириро барои ҷавоб додан ба ҳамлаи ҷинояткорона нигоҳ медорад.

“Мо ба таҷовузи режими саҳюнистӣ қатъиян ҷавоб медиҳем”,- гуфт сухангӯи Вазорати корҳои хориҷии Эрон Исмоил Бақоӣ.

Вазъ дар минтақа аз 7-уми октябри соли гузашта, баъди ҳамлаи гурӯҳи ҲАМОС ноамн шуд. Дар посух Исроил ба навори Ғазза амалиёти густардаи низомиро оғоз намуд, ки то имрӯз боиси марги беш аз 43 ҳазор нафар фаластинӣ шудааст.

## КАМАЛА ҲАРРИС Ё ДОНАЛД ТРАМП?

**Камала Ҳаррис, ноиби президенти Амрико ва номзади Ҳизби демократ дар интихоботи қарибулвуқӯъи раёсати ҷумҳурӣ рақибаш Доналд Трампро ба ноустуворӣ ва интиқомҷӯӣ муттаҳам кард.**





Ҳаррис ин суханонро рӯзи 29-уми октябр дар гирдиҳамоии ҷонибдоронаш дар назди Кохи Сафед баён дошт.

Ӯ ваъда дод, ки “раисҷумҳури тамоми амрикоиҳо” хоҳад буд.

Созмондиҳандагонаш гуфтанд, ки дар гирдиҳамоӣ ҳудуди 75 ҳазор кас ширкат дошт, вале ин рақам аз тарафи пулис ва нозирони мустақил таъйид нашудааст.

Бино ба гузоришҳо, ҷонибдорони Ҳаррис дар боғе ҷамъ омаданд, ки чаҳор сол пеш Доналд Трамп суханронӣ карда буд.

Интихоботи президентии Амрико рӯзи 5-уми ноябр баргузор хоҳад шуд.

## ҲАМЛАИ БЕСАРНИШИН БА ЧЕЧЕНИСТОН

**Рамазон Қодиров, президенти Чеченистон дар бораи ҳамлаи ҳавопаймоҳои бесарнишин ба ин минтақаи Қафқози Шимолӣ хабар дод.**

Ӯ рӯзи 29-уми октябр дар Телеграм навишт, ки ҳавопаймоҳои бесарнишин ба бинои Донишгоҳи маъруф ба "Нерухои вижа" дар шаҳри Гудермес ҳамла карданд.

Ин донишгоҳ, ки ба номи президенти Русия Владимир Путин аст, тақрибан 500 километр дуртар аз марзи Украина ҷойгир аст.

Қодиров гуфт, ҳамла талафоти ҷонӣ надорад ва оташе, ки дар боми бино сар зад, хомӯш карда шуд.

Киев то ҳол дар ин бора изҳори назар накардааст.

Ба нақли Рамазон Қодиров, ҳазорон сарбоз пеш аз пайвастан ба сафи нерӯҳои Русия барои ҷангидан дар Украина дар ин марказ аз давраҳои омӯзишии махсус гузаштаанд.



# ИНТИҚОДИ ПРЕЗИДЕНТ

## вақте, ки “лайк” боиси сарсонии мардум мешавад...

**Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 29-уми октябр зимни ифтитоҳи Муассисаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисос барои мақомоти корҳои дохилии кишвар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро интиқод кард.**



### ИФТИТОҲИ МУАССИСА БАРОИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС

Ёдовар мешавем, ки 29-уми октябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи Пахтакори ноҳияи Синои пойтахт Муассисаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисоси низомиро мавриди истифода қарор доданд.

Муассиса барои омода намудани кадрҳои афсарӣ бо маълумоти олии ҳарбӣ пешбинӣ шудааст. Сохтмони иншоот соли 2020 оғоз гардида, дар муддати чор сол бунёд карда шудааст.

Муассиса аз 7 бино иборат буда, бинои асосии он дорои синфхонаҳои таълимиву ташхисӣ, китобхона, 4 толори маҷлисӣ ва утоқҳои дигар мебошад ва бо шароити муосири зарурӣ барои омӯзиши 640 нафар пешбинӣ шудааст. Барои таъмини афсарон бо ҷойи хоб ду бинои хобгоҳ бо 688 кати хоб бунёд гардидааст.

### ҶАЗО БАРОИ “ЛАЙК”

Сарвари давлат зикр кард, ки дар баробари натиҷаҳои назаррас дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ камбудиҳои зиёд низ ба назар мерасанд. Ӯ аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои “беасос боз кардани парвандаи ҷиноятӣ барои “лайк” дар Интернет ва ҳамчун “далел ҳисобидани маводу наворҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳнгардида” интиқод карда, гуфт, ки “ба ин амал бояд хотима дода шавад”.

Президенти кишвар аз ҷумла гуфт: “Масалан, вақтҳои охир аз ҷониби мақомоти мазкур вобаста ба далел ҳисобидани маводу наворҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳнгардида, аз тарафи баъзе шаҳрвандон гузоштани лайкҳо боиси сарсониву саргардонии онҳо гардида истодааст. Яъне баъзе мақомот нисбат ба онҳо беасос парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз менамоянд, ки ба ин амал бояд хотима дода шавад”.

Нигаронии роҳбари давлат дар ҳолест, ки барои “лайк” гузоштан ва ё тамошо карданиаксу наворҳо дар чанд соли гузашта чандин нафар равонаи зиндон шуданд.

### НОРИЗОӢ АЗ КОРИ НАМОЯНДАГИҲО ДАР РУСИЯ

Ҳамчунин, зимни суханронии хеш Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти сусти намояндагии мақомоти Тоҷикистон дар қаламрави Русия интиқод кард. Президенти кишвар гуфт, ки “гурӯҳи корӣ рафта, вазифаҳои онҳоро иҷро карда истодааст”.

Нигаронии Президенти кишвар аз фаъолияти намояндагиҳои Тоҷикистон дар Русия дар ҳолест, ки пас аз қазияи “Крокус Сити Ҳолл” ва боздошти шаҳрванди Тоҷикистон ҳамчун гумонбар, фишорҳо болои муҳоҷирон афзоиш ёфтанд. Қонунҳои Русия низ нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон сангинтар шуда, фаъолияти муҳоҷирон дар бисёре аз бахшҳо мамнуъ эълон шуд.

### НИГАРОНӢ АЗ АФЗОИШИ ҚОЧОҚИ МАВОДИ МУХАДДИР БА КИШВАР

Эмомалӣ Раҳмон аз нақши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ “ҳамчун ҳомиёни ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва муҳофизони тартиботи ҷамъиятӣ” дар мубориза бо “ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ, киберҷиноятҳо, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва пешгирӣ кардани дигар амалу кирдорҳои ғайриқонунӣ” изҳори қаноатмандӣ намуда, аз аз хатари қочоқ ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор изҳори нигаронӣ кард. Раҳбари кишвар гуфт, ки “воридшавии маводи нашъаовар нисбат ба соли гузашта зиёд гардида истодааст ва вазъият дар ин самт ташвишовар боқӣ мемонад”.

“То ҳол дар ҷойҳои дилхушӣ ва ҷамъиятӣ фурӯши маводи мухаддири синтетикӣ ҷой дорад ва шумораи нашъамандон ҳанӯз зиёд мебошад”,- гуфт ӯ.

Эмомалӣ Раҳмон аз мақомоти дахлдор талаб кардааст, ки фаъолияти худро вобаста ба пешгирӣ кардани гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор “куллан тағйир диҳанд”.

### НАЗОРАТИ ФОЛБИНУ МУЛЛОҲО

Эмомалӣ Раҳмон пурзӯр кардани “корҳои фаҳмондадиҳиро бо мардум” муҳим арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки “кор дар самти риояи талаботи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти барои таълиму тарбияи кӯдак», пешгирӣ кардани ҳолатҳои таълими ғайриқонунии динӣ ва ба гирифтани таълими ҳатмии умумии фарзандон монеъ шудани баъзе падару модарон вазифаи муҳими мақомоти корҳои дохилӣ мебошад”.

Дар идома сарвари кишвар ба масъалаи фолбинҳо ва сеҳру ҷодугарон ишора карда, гуфт: “Баъди супориши Роҳбари давлат ва дар натиҷаи чораҳои аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ амалигардида дар кишвар 1500 нафар шахсоне, ки ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ машғул буданд ва зиёда аз 5000 нафар муллоҳои чаласавод барои хурофотпарастӣ дастгир гардида, ба қайди мақомоти корҳои дохилӣ гузошта шудаанд”.

## САРИ САБЗ



**Бегмуҳаммади АСОМИДДИН,**
**Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон**

**- Кӯдак будам, аз падарам хоҳиш кардам бароям асбоби мусиқӣ харад. Хоҳишамро иҷро кард. Ягон чорабинии фарҳангии мактаб бе ман намегузашт. Аз чӣ бошад, ки волидон зидди санъаткор шуданам буданд.**

*- Хато мекунед! Агар волидон зиддият медоштанд, падаратон асбоби мусиқӣ намехариданд. Боз, дар сурате, ки ин ин ҳолат дар кӯдакиатон, замони авҷи интихоби касб иттифоқ афтодааст.*



**Парвин ЮСУФӢ,**
**Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

**- Ҳар як эҷодкор бояд дар эҷодиёташ чизе аз худ дошта бошад. Албатта сурудҳое дорам, ки муаллифи ҳам матн ва ҳам оҳангаш худам ҳастам. Аммо бештар ба ашъори шоирон мусиқии худро пайвастам.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, шоир худам, худам менависам, худам оҳанг мебандам, худам месароям... Аммо беҳтар аст, ки ҳар кас кори худашро анҷом диҳад. Яъне, ба ашъори шоирон майл кардани сароянда бартар аст.*



**Зариф ҒУЛОМ,**
**нависандаи насри моҷароӣ**

**- Барои як матлабе, ки муаллимам аз номам навишта буду дар он ҳамсинфони хушхонамро таърифу бадхонамро танқид намуда будам, латукӯбам карданд. Ҳамон чо дарк кардам таъсиру қудрати суханро.**

*- Эҳҳааа, о, таъсиру қудрати суханро ки он вақт дарк карда будед, боз чаро ба нависандагӣ, ба қаламу коғаз рӯй овардед? Ё ба натиҷаи он матлаби муаллим одат кардед?*

## РЕЗААХБОР

24-уми октябр дар маҷмааи «Манеж»-и пойтахт Намоишгоҳи байналмилалии универсалии «Тоҷикистон-2024», ки дар он молу маҳсулоти зиёда аз 100 ширкату корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба намоиш гузошта шуданд, ба кор оғоз намуд. Намоишгоҳ аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, дар он ширкатҳои бонуфузи ватаниву хориҷӣ аз Тоҷикистон, Русия, Ӯзбекистон, Туркманистон, Корея, Чин, Покистон ва Эрон маҳсулоташонро муаррифӣ намуданд.

***

29-уми октябр дар шаҳри Душанбе нахустин Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сармоягузории маъдан ва металлургия баргузор гардид. Дар Форум намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия, Озарбойҷон, инчунин Туркия ва Чин таҷрибаи худро дар самти ҷалби сармоягузорӣ ва рушди бахши маъдан ва саноат мубодила намуданд. Дар намоишгоҳ аз ҷумла ширкатҳои Русия, Ӯзбекистон, Чин, Покистон, Эрон, Беларус маҳсулоташонро муаррифӣ намуданд.

***

29-уми октябр дар Душанбе Маркази минтақавии амнияти кимиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ҳастаӣ ифтитоҳ ёфт. Дар бинои нав 16 озмоишгоҳи муосири ташхиси маводи хатарнок тибқи стандартҳои байналмилалӣ ҷойгир аст. Марказ ба минбари муҳими таҳкими амният ва иқтидори илмии Осиёи Марказӣ табдил хоҳад ёфт.

***

30-юми октябр дар кинотеатри «Ватан» нахустнамоиши филми ҳунарии «Танҳо ту»-и коргардон Умедшо Мирзоширинов баргузор гардид. Филм дар жанри драмаи оилавӣ таҳия гардида, масоили иҷтимоӣ ва ишқу покизагиро тараннум менамояд.

***

Дар Душанбе "Девон"-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик дар таҳия ва тадвини Алии Муҳаммадии Хуросонӣ аз чоп баромад. Китоби мазкур осори боқимондаи шоири тавонoро фаро гирифтааст.

МАЪЛУМОТИ БЕШТАР ДАР
PRESSA.TJ

# МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ РОҲБАРИКУНАНДАИ БОНКИ ҶАҲОНӢ



**Ҳафтаи сипаригардида дар ҳошияи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар шаҳри Вашингтон (ИМА) вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ Амирзода Пайрав бо ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани мулоқот намуданд.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба самтҳои асосии ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ, яъне татбиқи ислоҳоти фарогир ва сохтории иқтисодиёти кишвар, хусусан дар бахшҳои энергетика, рақамикунонӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ табодули назар намуданд. Зикр гардид, ки масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, таъмини амнияти экологӣ, коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ ва рушди иқтисоди "сабз" дар ҷаҳони муосир рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст ва метавонад омили ҷиддӣ барои эҷоди хатарҳои иқтисодӣ шавад.

Дар робита ба мавзуъ қайд карда шуд, ки бо мақсади мусоидат ба рушди устувор ва маблағгузории сабз дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон бо вазорату идораҳои дахлдори кишвар, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ва шарикони рушд мунтазам ҳамкориро идома медиҳад. Дар мулоқот ҷонибҳо инчунин оид ба масоили сохтмони иншооти бузурги стратегӣ - “Нерӯгоҳи барқи обии Роғун”, маблағгузорӣ барои дастгирии буҷет ва ҷалби сармоягузорӣ барои дигар лоиҳаҳои муҳим мубодилаи афкор намуданд.

Дар идомаи рӯз ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бо ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои департаменти рушди молиявӣ ҷаноби Акихико Нишио мулоқоти корӣ анҷом дод.

Қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳими ба рушди инфрасохтор, беҳтар намудани дастрасӣ ба маориф ва тандурустӣ, ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва идоракунии захираҳои табиӣ нигаронидашуда қарор дорад ва Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз шарикони асосии таъмини рушди устувор метавонад дар татбиқи ин лоиҳаҳои муҳим шарик бошад.

Дар қисмати ҷамъбастӣ таъкид гардид, ки татбиқи ислоҳоти самтҳои афзалиятнок барои Ҷумҳурии Тоҷикистон идома хоҳад ёфт.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷаласаҳои солонаи ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ҳамасола намояндагони сатҳи баланди бонкҳои марказӣ (миллӣ), вазоратҳои молия, фондҳо, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, агентиҳои байналмилалӣ ва роҳбарони бахшҳои хусусӣ иштирок намуда, масъалаҳои мубрам аз ҷумлаи дурнамои макроиқтисодӣ бо назардошти номуайяниҳо дар бозори молиявӣ, идоракунии дороиҳои давлатӣ дар шароити феълӣ, сармоягузориҳои устувор, интегратсияи иқлим ва табиат, нақши бонкҳои марказӣ дар идоракунии дороиҳо ва шаклҳои гуногуни кумаки самаранок муҳокима ва баррасӣ мегарданд.

# ВОХӮРИИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ШВЕЙТСАРИЯ





**Дар доираи ҷаласаҳои солонаи ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо раиси Бонки миллии Швейтсария Мартин Шлегел дар шаҳри Вашингтон (ИМА) мулоқот доир намуд.**

Толибзода Фирдавс дар оғоз Мартин Шлегелро ҷиҳати таъйин гардидан ба вазифаи муҳим ва масъулиятнок табрик намуда, дар баробари изҳори қаноатмандӣ аз ҳамкориҳои судманд ва муаррифии фаъолонаи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Швейтсария дар Шӯрои директорони ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ, ҷиҳати боз ҳам тавсеа бахшидан ба муносибатҳо дар самти устувории низоми бонкӣ даъват ба амал овард.

Дар чараёни вохӯрӣ ҷонибҳо аз сатҳи ҳамкории дуҷонибаи кишварҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, вобаста ба ҳамкориҳои кунунӣ дар самти кумаки техникии Бонки миллии Швейтсария оид ба рушди иқтидорҳо (capacity building) ва ҳамкориҳои минбаъда оид ба рақамисозӣ ва масоили иқлимӣ, шаклҳои пешниҳоди кумаки техникӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои байналмилалӣ табодули назар намуда, изҳор доштанд, ки робитаҳои дӯстона, зич ва самарабахш миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария минбаъд низ самарабахш идома хоҳанд ёфт.

Худи ҳамин рӯз раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо ҳайати бонки сармоягузории фаромиллии швейтсариягӣ “UBS” мулоқот анҷом дод.

Ҷонибҳо дар мулоқот вобаста ба масъалаҳои гуногуни иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳамкориҳои молиявӣ, тамоюли сармоягузорони соҳибхтиёр, вазъи бозори молиявӣ ва хавфҳои мавҷуда ва имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои байналмилалӣ мубодилаи афкор намуданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**





# АЗ КУШОДАНИ РАВЗАНАИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ТО БОЗОМӮЗИИ МУТАХАССИСОН

**Дар шаҳри Душанбе масоили марбут ба рушди ҳамкорӣ дар самтҳои маблағгузории савдо ва аккредитив дар мулоқоти дуҷонибаи муовини раиси «Амонатбонк» Фирдавс Ризвонзода бо Директори асосии амалиётии Корпоратсияи байналмилалии исломӣ оид ба маблағгузории савдо Назим Нурдалӣ баррасӣ гардид.**

Тавре аз «Амонатбонк» ба Pressa.tj иттилоъ доданд, мусоҳибон ҳамзамон кушодани равзанаи бонкдории исломӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар ин самт, пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ ва дигар намуди амалиёти молиявиро баррасӣ намуданд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар доираи имконияти мавҷуда ҳамкориро дар оянда густариш диҳанд.

# ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ



**Бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон дар Театри академии давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ва Боғи Куруши Кабир фестивали “Саводнокии молиявӣ” баргузор гардид.**



Фестивали мазкур бо мақсади иттилоотонии аҳолӣ аз хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ буда, дар он ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ширкат варзиданд.

Дар доираи чорабинии мазкур нахуст намоишгоҳи маҳсулоти бонкӣ баргузор гардида, дар он масъулини бонк ба мизоҷон оид ба хизматрасониҳои бонкӣ, алалхусус маҳсулоти қарзӣ, намуди пасандозҳо, кортҳои пардохтӣ, “Интернет-банкинг”, пардохти қулайи хизматрасониҳо тавассути барномаи мобилии “Амонат-мобайл” ва ғайра маълумот доданд.

Дар баробари ин, дар рафти фестивал аз ҷониби кормандони Амонатбонк барои меҳмонону иштирокдорон бозии ҷолиби интелектуалӣ гузаронида шуда, ғолибон бо тӯҳфаҳои арзанда сарафроз гардонида шуданд.






# АМОНАТБОНК - ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ ВАРЗИШӢ




**Аз ҷониби Федератсияи футболи Тоҷикистон бахшида ба 30-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Мусобиқаи байнибонкӣ 2024 оид ба футбол” миёни ташкилотҳои қарзии кишвар доир гардид.**

Дар мусобиқаи мазкур 12 дастаи пурқуввати футболбозон, ки ба ду гурӯҳ ҷудо шуда буданд, миёни ҳам рақобат намуда, аз он 8 даста ба чорякфинал баромаданд. Дар марҳилаи плей-офф бозӣ бо системаи олимпӣ доир гашт.

Барои ҷои сеюм дастаи футболбозони “Эсхата” бо “Душанбе сити” байни ҳам рақобат намуда, бозӣ ба манфиати дастаи “Эсхата” бо ҳисоби 6:3 анҷом ёфт.

Дар бозии финалӣ бошад, дастаи футболбозони “Ориёнбонк” ва “Амонатбонк” ба майдон баромада, ягона голро футболбози дастаи “Амонатбонк” Манучеҳр Шарипов дар дақиқаи 47-уми бозӣ ба дарвозаи ҳариф зад.

Ҳамин тавр, бозӣ ба манфиати дастаи футболбозони “Амонатбонк” бо ҳисоби 0:1 анҷом ёфта, дастаи футболбозони ин бонк ғолиби “Мусобиқаи байнибонкӣ 2024 оид ба футбол” миёни ташкилотҳои қарзии кишвар гардид.

Дар охири мусобиқа дарвозабони беҳтарин Муминзода Умедҷон ва бозингари беҳтарин Мирзоев Султоншо аз дастаи “Амонатбонк” дониста шуданд.

Ба ғолибони ҷои якум “Амонатбонк”, ҷои дуюм “Ориёнбонк” ва ҷои сеюм “Эсхата” дар вазъияти тантанавӣ медал ва тӯҳфаҳои пулӣ тақдим карда шуд.

# ҚАДРДОНӢ ДАР РӮЗИ СОҲИБКОРОН

**Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи соҳибкорон конфронси байналмилалӣ баргузор гардид.**



Дар доираи конфронс намоишгоҳи соҳаҳои истеҳсоливу хизматрасониҳо гузаронида шуда, Амонатбонк дар он гӯшаи хизматрасониҳои бонкиро пешниҳоди иштирокчиён намуд.

Мутахассисони Амонатбонк ба мизоҷон оид ба хизматрасониҳои бонкӣ, низоми пардохти ғайринақдӣ, барномаи мобилии Амонат-мобайл, ҳамёнҳои электронӣ, маҳсулоти қарзӣ бо фоизҳои дастрас, талаботҳо барои гирифтани қарз ва ғайра маълумот пешниҳод намуданд.

Ҳамчунин, Амонатбонк барои ҳамкориҳои судманд дар раванди ташкил ва баргузории конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба Рӯзи соҳибкорон дар мавзӯи “Масъалаҳои стратегии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ” бо Сипоснома қадрдонӣ гардид.

# МУАРРИФИИ ДАСТОВАРДҲО ДАР НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**24-26-уми октябр аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ва бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати мамлакат дар Маркази байналмилалии намоишгоҳии шаҳри Душанбе “DUSHANBE EXPO CENTRE” намоишгоҳи байналмилалии универсалии “Тоҷикистон 2024” баргузор гардид.**

Дар намоишгоҳи мазкур дар баробари ширкату корхонаҳо ва молистеҳсолкунандагони ватанию хориҷӣ, як қатор ташкилоти қарзии кишвар низ маҳсулоти бонкии худро ба маъраз гузоштанд.

Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”” низ дастовардҳои соҳавӣ ва маҳсулоту хизматрасониҳои хешро ба иштирокдорони намоишгоҳ муаррифӣ намуд.



# БУЗУРГТАРИН БОХТИ ОДАМИЗОД

## Дар суҳбати Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона

**Зиёд фикр кардам, ки бахшида ба мавлуди Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона чӣ нависам? Ҳар қадар андеша кардам, беҳтар аз ҳарфҳои худи шоир чизе ба зеҳнам наомад. Бинобар ин, шуморо ҳам ба суҳбати устод Фарзона меҳонам. Ин суҳбат гуногунмавзуъ аст, вале бовар дорам, ки шуморо ба андеша кардан водор мекунад...**



### МУҲИТИ ХОНАВОДА

Модарам - Бароҳат Ҳоҷибоева муҳаққиқи забон ва адабиёти рус буданд ва бо хости Худованд ва муқтазои тундиҳои иҷтимоъ дар ятимхонаҳои Украина ва Мардовия бузург шуданд. Вақте ба Хуҷанд баргаштанд, нометавонистанд ба осонӣ ва саҳлу сабук ба забони тоҷикӣ ҳарф зананд, андешаҳояшон ҳам ба русӣ буд. Гарчанде наметавонистанд забономӯз бошанд, вале андешаомӯз буданд. Дарё-дарё шеъри шуарои рус ва ҷаҳонро медонистанд, аз ҷумла аз Пушкин, Есенин, Тютчев, Фет, Маяковский... Насри Чехов Достоевский, Тургенев ва дигар бузургони оламро меҳонданд. Вале модарбузургамон шеъри Саъдӣ ва рубоиёти Хаёмро медонистанд ва аз Ҳаким Саноиву Аттор пораҳо меҳонданду тафсир мекарданд. Падарам дилбастаи шеъру мусиқӣ буданд ва ҳамеша ҳолу ҳавои романтикӣ доштанд, гарчанде ки пайванд бо иҷтимоъ доштанду устоди фалсафа ва ҷомеашиносӣ буданд.

Ҳоҳаронам, яке аз ман 6 ва дигаре 9 сол бузургтаранд. Вақте онҳо 12 ё 15-сола буданд, шуруъ карданд ба рӯзноманависӣ ва мани 6-7-сола ҳамроҳи онҳо ва дар тақлид ба онҳо аз ҳамон замон ёддошт дорам ва ин ҳам мадад кард барои андеша кардан, ёрои андеша доштан ва ёрои ифшо кардан ва рӯзе шуд, ки ин навиштаҳо инсонҳои пазиранда ёфтанд.

### САРНАВИШТИ ДОРОИИ АҶДОДӢ

Модаркалонамон ба зару зевар ва ҷавоҳиру гавҳар беэътибор буданд ва ҳатто агуштареро барои андоза гирифтан ба ангуштaшон роҳ намедоданд. Чун сабаб мепурсидем, ҷавоб намедоданд. Вале баъдан ошкор шуд, ки дар фасли арӯсиашон ба модаркалон бобояшон сандуқчаи зеварро ҳадя мекунанд. Ва ҳамеша бибии азиз ба фарзандон мегуфтаанд, ки ман ин гӯшвори зебoро ба ту медиҳам, ин гарданбанди мурассаъро ба ту ва орзуҳои ҷавиберо мепавариданд.

Бобоямон Абдураҳим Ҳоҷибоев, ки раиси Шӯрои нозирони ҷумҳурӣ буданд, мегуфтанд, ки ту ин сандукчаи зевaратро ба як сӯ гузор, ман барои фарзандонам 10 ҳазор адад китоб ҷамъ овардаам, ки агар Худо насиб кунад, онҳоро ба мерос мегузорам.

Аммо насиб набудааст, на он сандукчаи зебои бобоиву аҷдодӣ ба фарзандон расид, на он ҳама кутуб. Хушбахтона, як қисми бузурги он китобҳо ба Китобхонаи миллии ба номи Ҳаким Фирдавсӣ интикол ёфт. Чун рӯзгори репресиё ва таъқиботи сталинӣ шуруъ шуд, он ҳама мол ва он ҳама кутуб мусодира гардид.

Ва модаркалон ҳамеша таъкид мекарданд, ки шумо гавҳаре андӯзед, моле афрӯзед ва ҷамъ оваред, ки ғосибе набарад, ягон нафар онро мусодира накунад, яъне гавҳари маърифат андӯзед, дониш ҷамъ оваред.

### НАХУСТУСТОД

Нахустустоди ман ва бузургтарин устоди хидоятгару башоратовари ман устод Лоиқ Шералӣ ҳастанд, ки дар ҳамин ҳуруфи каммояи мо кадом як ҷазаботи ниҳониро кашф карданд. Ин ҷазоботро то ҳанӯз ман мебинам дар ин ашъор, аммо устод дасти дуо бардоштанд ва муқаддимаи пурлутф барои аввалин дафтари ашъори мо навиштанд...

### ШЕЪР ЧИСТ?

Шеър аз назари ман косидест, ки маро бо Офаридагорам пайванд медиҳад. Ҳама кас василаеро мекобад, воситаеро ҷустуҷӯ мекунад, барои он ки бо қиблаву меҳроби худаш муколама дошта бошад ва бо худи худаш, бо он оинае, ки пешорӯяш қарор дорад.

Ва шеър ҳамон дариҷаи зебост, ҳамон равзанаи бозест, ки маро ба сӯйи уфуқҳои нуронӣ меҳонад, ба он сӯйе, ки саодат, ишқ, меҳрубонӣ, ҷазобат ва наҷобат ва ҳар чизи хубе, ки ин дунё ва ин башар ҳанӯз ҳифз кардааст, ба ман салом гӯяд...

Яъне шеър салом бар алайки ман аст ва ё алайке бар саломи ман!

### БАҲОИ МУНАҚҚИДОН

Муҳаққиқон, ки дар бораи шеъри ман навиштаанд, ду гурӯҳанд: Як қисматашон мегӯянд, ки Фарзона касест, ки шеъраш бо мову шумо, бо ҷаҳони имрӯз ва бо ҳамин фазо муртабит аст; қисми дигар хаёл мекунанд, ки ин сурудаҳо ҳолу ҳавои шеъри классикиро дорад ва камрӯҳ асту ҷон надорад, мурда асту қадимӣ аст.

Дар ҳоле, ки вақте Шайх Саъдӣ мегӯяд:

*Гуфта будам, чу биёӣ,*
*ғами дил бо ту бигӯям,*
*Чӣ бигӯям, ғамам аз дил*
*биравад, чун ту биёӣ.*

Магар мешавад ин шеърро бигӯем, ки қадимӣ асту ҷон надорад? Имрӯзитарин шоир аст Саъдӣ, ки дарди мову шуморо мегӯяд.

Аз ин рӯ ташхисгари шеър бигзор ҳамон муҳаққиқон бошанд ва ё вақт бошад. Барои худи ман, моҳият надорад, ҳар чӣ бигӯянд, ё мепазирам ё даст меафшонам...

### ҶАВҲАРИ ШЕЪР

Дар шеър андеша муҳим аст. Зеварҳое, ки мо месозем, пероябу ороёхое, ки мо меофарем, василаи кумакрасон аст. Мисле он ки як инсон назди машшота меравад, то ки худро андак зеботар кунад, аммо ҷавҳараш ҳамон аст, ки буд. Ҷавҳар ҳамон андеша аст. Шеър ҳам василаи иброз доштан, василаи паёмрасон аст...

### РУТБАИ ОДАМ

Ман баъд аз он ки андак зистам ва андак омӯхтам, дарёфтам, ки баландтар аз тамоми мартабаву мақомҳо мақому мартаба ва рутбаи инсонист:

*Арзандатар зи рутбаи*
*Одам мақом нест,*
*Шоистаӣ ба ин*
*насаби ифтихорият.*

Ва хаёл мекунам, ки ҳамон қуллаи бузурге, ки пешорӯйи мову шумо, пешорӯйи ҳар инсони офаринанда ва ҳар иносни ҳунарвар ва ҳатто инсонҳои одиву маъмулӣ қарор дорад, қуллаи бузурги инсонист. Яъне комил шудан, такмил ёфтан, вуҷуди таҳрирхоҳи худро тоза ба тоза ислоҳ кардан, ба гузаштаи худ нигаристан ва иштибоҳҳои худро дарёфтан ва ба оянда ба кулбори тоза рафтан, раҳораҳ инсонтар, зеботар ва аз дарун рӯшантар шудан.

**Мавлоно мегӯяд:**
*Ҳазорсола роҳ аст аз ту*
*то мусалмонӣ,*
*Ҳазор соли дигар, то ба*
*ҳадди инсонӣ.*

Яъне ҳадди шоирӣ ҳаргиз наметавонад аз ҳадди инсонӣ боло бошад. Агар ба худи Мавлоно рутбаи шоир диҳем, мартабаҳои баланди инсони суханвар, олим, зуфунун ва ғайра бидиҳем... Чӣ қадр ин рутбаҳо ҳақир ҳастанд ва мақому манзалатҳо залиланд, дар баробари шукӯҳи бузурги Мавлоно, ки тасхирношуданист.

Пушкин мегуфт, ки фақат ҳамон лаҳзае, ки шеър мегӯям, шоир ҳастам, дигар як одами маъмулиам. Есенин дар як шеъраш ба Марями Муқаддас нома менависад ва хоҳиш мекунад, ки барои саломатии инсонҳо Масеҳ офарад. Баъди нашри ин шеър як мухлисаш меояд ва суол мекунад: "Шумо кадом Есенин ҳастед? Ҳамоне ки офаринишиМасеҳро аз Марями Қудсӣ хоҳиш мекунад ё ҳамоне ки ба Иттифоқи нависандагон мактуб менависед, то ба шумо санаде диҳанд, ки аз пардохти андозҳо халос шавед?". Есенин посух медиҳад, ки нависандаи номаи аввал болотар аз ман ва нависандаи номаи дуюм поёнтар аз ман аст, худи ман дар васат қарор дорам...

### БУЗУРГТАРИН БОХТИ ОДАМИЗОД

Мутафаккире мегӯяд, ки инсон се марҳаларо сипарӣ мекунад: **Марҳалаи милод**, ки ҳеҷ касе аз бани башар дар ёд надорад, ки чӣ тавр зода шуд. Воқеан, лаҳзаи мелодашро касе намедонад. **Марҳалаи марг** - баъд аз он, ки шуур, фитрат, андеша ва ҳар эҳсосе, ки дар вуҷуди инсон дар зиндагӣ боқист, хомӯш мешавад, ҳофизаҳо кӯр мешаванд. Яъне марҳалаи марг ҳам дар ёди касе нест. Ва дар ин миёна **зиндагӣ** мемонад, ки мутаассифона тариқи зистанро низ инсон фаромӯш мекунад.

Бузургтарин иштибоҳ, бузургтарин бохти одамизод он аст, ки наметавонад зиндагӣ кунад, яъне сабки зиндагиро, сабки дурусти зистанро, хаёл мекунам, ки ҳеҷ нафаре, на бузургону на хурдон, на ҳақиронy на кабирон он сон ки бояд, намедонанд.

Он корҳои ҳунарие, ки мо мекунем ва тамоми он нафарони нерyманд бо азаммати бузурги рӯҳонӣ, бо ибтикору ифтитоҳҳое, ки мекунанд, барои боз кардан ва шинохтани зиндагист. Ва мутаассифона боз ҳам он ношинохта мемонад. Баъзан фикр мекунам, ки тариқати зиндагиро шояд Мавлоно донад, шояд паёмбарон донанд, шояд Паёмбари охирини мо донанд, вале мутаасифона, мо намедонем ва ҳамаи корҳое ки мо мекунем, кӯшишест барои донистан.

Мегӯянд, ки шинохтан ва донистан низ ба суди инсонҳо нест.

*Тариқи зистани*
*бехато намедонам,*
*Чунин тариқати зебо*
*ҷаро намедонам.*

(Давомаш дар саҳ. 13)

*Китоби «Рӯзгори ман» тасодуфан ба дастам афтод. Дӯстам Саидҷон шакли электронии онро пешниҳод намуда, хоҳиш кард, ки ба сурати китоб омода созам. Чун ба мутолиаи ин асари пур аз ҳикмат ва таҷрибаи рӯзгор фурӯ рафтам, дарёфтам, ки он на танҳо саҳифаҳои таърихи бунёди шаҳри Дубай, кишвари Аморати Муттаҳидаи Араб, балки роҳнамо барои ҳар фардест, ки мехоҳад марзҳои зеҳнӣ ва ҷисмониро шикаста, ба сарзамини орзуҳо расад. Шайх Муҳаммад ибни Рашид Ал Мактум дар "Рӯзгори ман" нишон медиҳад, ки талош ва иродаи инсонӣ метавонанд ҳар ду - орзуву воқеиятро - ба ҳам пайванд диҳанд ва аз он як воқеияти нав эҷод кунанд.*

*Дар ин китоб ҳар саҳифа шоҳиди руъёҳои бузургест, ки ба воқеият табдил ёфтаанд. Ин руъёҳо моро водор месозанд, ки ба ҳар орзуе, ки дорем, бо дили пур ва қадамҳои устувор назар андозем ва ҳадду сарҳади имкониятҳоро густариш диҳем. Шайх Муҳаммад бо бардошт аз рӯзгори худ ба мо мегӯяд, ки танҳо онҳое, ки омодаанд ба чолишҳо рӯ ба рӯ шаванд ва ҳадафҳои бузургро пеша кунанд, метавонанд ҷаҳонро дигаргун созанд ва саҳифаҳои тозае дар таърих эҷод намоянд.*

*"Рӯзгори ман" пур аз ҳикмат, таҷрибаи рӯзгор, як паёми рӯҳбахш, як рисолати бепоёни қавӣ барои наслҳои имрӯзу оянда аст, ки бо истифода аз он метавонанд дар сарнавишти худ, кишварашон ва барои ҷаҳоне, ки аз ормонҳои онҳо таъсир хоҳад гирифт, саҳмгузор бошанд.*

**Шариф ҲАМДАМПУР**




# ХОБ БО КАЖДУМ



*Бо Хумайд ибни Амхиро, яке аз пирони қабилаи Манасир*

Ман ҳафт ё ҳаштсола будам, ки падарам маро бо худ барои шиносоӣ бо пири хиради қабилаи Манасир - Хумайд ибни Амхиро, шикоромӯзӣ ба дашт мебурд. Дар муқоиса ба дигар бадавиҳо, Хумайд дар назди об не, балки дар биёбони беоб зиндагӣ мекард. Ӯ як шутур, шоҳбоз, саги шикорӣ ва чодирҳо дошт ва ҳамсараш, ки то ҳол нисбаташ эҳтироми бузург дорам, ҳамроҳаш буд. Ӯ бақувват буд, ҳезум мекашид, шутур мечӯшид, гӯсфанд мекушту онро мепухт, шикор бо шоҳбоз ва шикори оддӣ мекард. Ин ҳамаро вай дар танҳоӣ, бе дастёр ба анҷом мерасонид. Ҳанӯз лаззати таоме, ки ӯ мепухт, аз даҳонам нарафтааст. Хусусан кулчаи тагалобии ғафс, ки бо равған ва асал рӯи дастархон мегузошт. Мо онро бо шири шутур мехӯрдем. Ин таоми болаззате буд, ки дар сармои зимистони биёбон мехӯрдем ва роҳат мекардем.

Падарам одатан маро якчанд рӯз бо Хумайд мегузошт. Аз ӯ ман шикор бо шоҳбоз ва сагро омӯхтам. Ӯ маро бо тарзи ҳаракат, одат ва асрори ниҳони шикор ошно месохт. Чӣ гуна дарандаҳо шикор мекунанд ва бар заифон пирӯз мешаванд - мактабе буд, ки ман аз ӯ омӯхтам.

Масалан, шикори харгӯшҳо ҳангоми хӯрок хӯрдан бефоида аст, зеро онҳо мисли тир фирор мекунанд. Онҳоро осонтар аст вақти дар зери замин пинҳон шуданашон дастгир кунӣ. Харгӯш дар тобистон мағокро (хона) чуқур меканад, зимистон миёни буттаҳои қумзор паноҳ мебарад. Беҳтарин усули гирифтани харгӯшҳо - пайгирии онҳо ҳангоми гурехтан ба сӯи мағок аст. Аммо гурехтани онҳоро ба сӯи паноҳгоҳашон таҳти назорат гирифтан бисёр душвор аст. Онҳо ҷониби маконҳои хоби худ хеле тез ва мулоим мепаранд, тарзе меҷаҳанд, ки изи пой дар регзор нагузоранд. Танҳо мутахассис аз рӯи одат ва тарзи ҳаракати онҳо дар биёбон метавонад нишоне аз ин изҳо пайдо кунад.

Ман инчунин аз Хумайд дар бораи шоҳбозон ва одати онҳо, сагҳои шикорӣ ва табиати онҳо бисёр чизҳоро омӯхтам. Шумо метавонед сагҳоро шикори оҳуи ваҳшӣ омӯзонед ва дар як вақт онҳоро ҳамзистӣ бо оҳуҳои парваридаатон ва гӯсфандон ёд диҳед. Масалан, бисёр одамон намедонанд, ки чаро бадавиҳо шоҳбозро ҳамеша болои даст, дар сатҳи чашм баланд мебардоранд. Далели ин он аст, ки шоҳбоз агар аз ягон ҳайвони дигар поёнтар қарор гирад, эҳсоси хатар мекунад, бургут - душмани шоҳбоз аз боло ҳамла мекунад. Бинобар ин, шоҳбоз ба ҳар парандае, ки аз болои сари ӯ парвоз мекунад, ҳамла мекунад.

Шом, баъд аз омӯзиш ва шикор мо гирди оташ ҷамъ меомадем ва суҳбат меоростем. Ин хотироти ширин, шавқангез ва ҳатто дарднок то ҳол дар хотирам нақш бастааст.

Гармии болин миёни биёбони сарди беохир бо ҳеҷ чиз муқоиса намешавад. Шабона ман чанд маротиба аз сабаби нешзании андаки ақраб бедор мешудам. Ба назар мерасад, ки ақрабон низ гармиро дар болини ман меҷустанд.

На ҳар чизе, ки бар асари он дард эҳсос мекунӣ, бад аст. Баъзан дард омӯзанда ва муҳофизи мост.

Ман аз дард бедор мешудам, дарди сахт. Дар чунин лаҳзаҳо Хумайд одатан маро назди оташ мебурд ва хокистар ба захм мепошид, то дардро фурӯ барад, таъсири заҳрро камтар кунад. Гармии хокистар дардро то хунук шудан сабук мекард. Оё шумо метавонед тасаввур кунед, ки чанд бор шабона аз чунин дарди шадид бедор мешавед - се-чор маротиба? Ҳамеша ҳайрон мешудам, ки чаро ман ягона нафаре будам, ки ақрабҳо мегазиданд? Бале, танҳо маро!

Бо гузашти вақт сабабашро фаҳмидам: якум, гуноҳи худам буд, ки ба маслиҳати бедуинҳо гӯш намедодам, дар биёбон пеш аз хоб болинамро тафтиш намекардам, наметаконидам. Дуюм, Хумайд қасдан 10-12 ақраби ҷавонро ҷамъ карда, ба болини ман мегузошт!

Ӯ мехост, ки бадани ман муқовимат ба заҳри марговари ақрабҳо пайдо кунад. Ва ӯ ҳақ буд - то имрӯз заҳри ақраб ба ман таъсир намекунад. На ҳар чизе, ки бар асари он дард эҳсос мекунӣ, бад аст. Баъзан дард омӯзанда ва муҳофизи мост.

Чанд сол пеш ман дар биёбон ақраби калонро таъкиб кардам. Он зери буттаҳо пинҳон шуд ва пайт кофта, ба ман ҳуҷум кард. Ман ба ақиб гаштам ва таваҷҷуҳ ба он накардам. Ақраб маро сахт заҳролуд кард.

Ман поямро бастам ва ба захм каме хокистар ва оби гарм гузоштам. Насиҳати оддии шодравон Хумайд буд, ки ман аз марг наҷот ёфтам.

Бо ақраби биёбон, дар муқоиса бо ҳаммаслакон, бархӯрд кардан осонтар аст. Ақрабҳои биёбон танҳо дар сардии шаб роҳати гармӣ меҷӯянд, аммо вақте сардӣ ақиб меравад, мегурезанд, ҳамла намекунанд. Онҳо танҳо вақти эҳсоси хатар неш мезананд. Ақрабтабиатон неш задан ва заҳролуд карданро дӯст медоранд. Мегӯянд, ки ақрабтабиатон дар рӯи замин дар шакли (симои) ғайбатчиён ва вайронкорон зиндагӣ мекунанд, руҳро ноором, муносибати одамонро вайрон, руҳияи ҳамзистӣ ва тими ягона (команда) буданро хароб месозанд. Ман ғайбатчиён ва вайронкоронро дӯст намедорам. Онҳо заҳр мечаконанд, коре мекунанд, ки шумо аз одамият дур шавед, ахлоқи ҳамидаи гурӯҳиро хароб созед, дастовардҳоро қадрдонӣ накунед, таваҷҷуҳатонро танҳо ба дидани бадӣ равона менамоянд, дар дидани некии дигарон кӯр ҳастанд. Онҳо риёкор, дурӯя ҳастанд, ҳар амалашон ҳосили рашку ҳасад аст.

Рӯзе шоҳ яке аз ҳамкорони вафодорашро наздаш даъват кард ва гуфт, ки дар бораи ӯ суханҳои ношоям гуфтааст. Ҳамкораш инкор кард, ки ҳеҷ ҳарф ё амали носазое нисбати шоҳ нагуфтаасту накардааст. Шоҳ гуфт, ки хабаррасон шахси эътимодист ва ба маълумоти ӯ бовар дорад. Он гоҳ ҳамкораш гуфт: «Ғайбатчиён ҳеҷ гоҳ поквиҷдон набуданд». Шоҳ маҷбур шуд ба ин гуфта розӣ шавад.

Шоире гуфтааст: Одамон мегӯянд, Аз пушт ғайбат мекунанд.

Ба касе, ки ғайбати дигарон мекунад, ҳеҷ гоҳ набояд бовар кард.

Дида аз дидани онҳо бояд пӯшид. Ин ҳақиқат аст: бо ақрабҳои биёбонӣ хобидан осонтар аст, назар ба зистан бо одамони ақрабтабиат.

**(Давом дорад)**



# ПЕШОНИИ КАФИДА

## Чаро Акбар Махсумов бо Назаршоев баробар нест?

**... Субҳ вақте ба кор омадам, ҳамкорон пешонии варамидаи маро дида, ба ҷои дилбардорӣ ба шӯхӣ сар карданд: яке инро ҳосили моҷаро бо янга гуфту дигаре шохзании гови оғил. Аммо дар хона янгаи ҷангара ҳам несту оғил ҳам гов надорад. Зеро шиносномаи "шаҳрӣ" дорему сокини пойтахт ба ҳисоб меравем. Аз ин миён танҳо як нафар сабаби асосии ба чунин ғурии "зебо" сазовор шудани бандаро ёфт:**

- Барқ! Набудани барқ, шуморо соҳиби чунон "фонар" кард, ҳамин хел не мӣ, устод?

"Устод", яъне банда бо оҳанги яъсу ноумедӣ ҷавоб додам:

- Бале..., - ва таърихи пайдоиши ғуриро нақл кардам...

... Гап дар сари он, ки вақте ман ба ҳаммом даромадам (аз хонанда узр мехоҳам), барқ фурӯзон буд. Нав собуни сарамро шустаму чашмамро боз кардам, ки барқ нест ва ҳаммом мисли гӯр торик аст. Бо дастонам деворро дошта, ба тахминам сӯи баромадгоҳ равон шудам. Аммо ин вақт касе ба пешониам чунон зарбае зад, ки ба назарам аз чашмонам як даста барқ парид. Маълум шуд, ки як гӯшаи чӯбдастаи фаршшӯиро пахш кардааму дастаи он ба пешониам задааст. Пас аз доду вой, бо кумаки аҳли байт бо пешонии ғуридор (хайрият чашмам зарар надид) аз он торикистон раҳо шуда, бо бонуи хона моҷаро бардоштам, ки наход кас полшӯякро дар ҳаммом монад? Аммо вай ҳам паст наомада мегуфт: "Худатон медонед, ки ҳар сол барқи мо хомӯш мешавад. Сад бор гуфтам, ки арзу дод кунед ва ё ягон дизелча харед, аммо миччаатон хам нахӯрд...".

... "Нисфи умратро деҳу рӯшноӣ хар ва нисфи дигарашро деҳу ҷӯшоӣ" гуфтаанд гузаштагонамон ва ин суханон беҳуда нестанд. Чандест дар хонаҳои мо (аксаран дар як вақти муайян) барқ хомӯш мешавад. Аввалҳо танҳо рӯзона буд, аммо ҳоло ин "беморӣ" ба қисмати шабона низ сироят кадааст. Тақрибан як моҳи охир, вақте ки "Барқи тоҷик" аз оғози мавсими "реҷа" эълон кард, аҳволи кӯчаи академик Акбар Махсумов (Будёнии собиқ), гузари Чаноро 2, ноҳияи Шоҳмансур аз деҳоти "реҷавӣ" ҳам бадтар шудааст. Зеро деҳотиён медонанд, ки имрӯз барқашон кай фурӯзон мешаваду кай хомӯш, аммо сокинони кӯчаи Акбар Махсум, ки чун як маҳаллаи пойтахти кишвар аз лимит озод аст, инро танҳо тахмин карда метавонанд. Баъзан аз соати 9-и саҳар то 5-и бегоҳ, баъзе вақт аз 11 то 3 ё 4, мувофиқи табъи барқрасонҳо. Вақте ки пас аз зангҳои пайдарҳами сокинон ба рақамҳои навбатдори доимии барқи Шоҳмансур (2-27-12, 2-27-13) ӯ ниҳоят гӯширо мебардорад, ба саволи шаҳрвандон танҳо ду ҷавобро такрор мекунад: "садама шудааст" ва ё "таъмир рафта истодааст". Аммо аз таҷрибаи солҳои қаблӣ сокинон медонанд, ки "таъмир" ва ё ин "садама" то тобистони оянда идома хоҳанд ёфт.

Чунин тасаввурот ҳосил мешавад, ки дар ин фасл ҳамаи садамаю таъмири барқи шаҳр ба кӯчаи академики номдор мекӯчанд ва бо фарқ аз ҳамсоякӯчаи онҳо (Шапкин, ҳоло Назаршоев, ки на садама доранду на таъмир) танҳо тобистон аз ин балоҳо халос мешавад. Агар ягон гӯшаи шаҳр ҳам "реҷа" шуда бошад, чаро рӯирост намегӯянд? Баъзе аз сокинон мегӯянд, ки гӯё соатҳои "таъмиру садамаи" барқ дар ин кӯча, барқи он ба ким-кадом "дробилкаҳо"-и (дастгоҳҳои сангмайдакунӣ)-и соҳили Кофарниҳон дода мешавад. Ин овозаро на тасдиқ ва на рад карда метавонем ва ҳақиқати ҳолро танҳо комиссияе, ки бояд барқрасонҳо ташкил кунанд, муайян месозад...

Воқеан, дар бораи комиссияи барқ. Сокинон чандин маротиба чунин комиссияро барои санҷидани қувваю иқтидори барқ даъват карданд, вале боре ҳам пояшро ба ин минтақа нарасонидааст. Ҳол он ки, се сол боз сокинон дар бораи он, ки ҳатто дар фасли тобистон иқтидори барқ дар ин ҷо аз 150 кв боло нест ва пас аз сохтмони хонаҳои нав дар ин маҳалла боз ҳам пасттар шудаасту на яхдон ва на кондитсионер маҷоли ҷунбидан надорад, аризаҳои дастаҷамъӣ мебаранд, ки ақаллан дар гӯшаи дигари ин маҳалла як трансформатори камиқтидор ҳам бошад, шинонда, "бори трансформатори хизматрасон"-ро камтар кунанд, аммо ба ғайр аз ваъдаи "меомӯзем" дигар ҳосиле нест.

Тобистони сипаришуда маҷбур шудем дар нишасти матбуотии "Барқи тоҷик" ин масъаларо бардорем ва дар он ҷо ҳатто як роҳбари масъул рақами телефонҳои муаллифи ин сатрҳоро навишта гирифта гуфт, ки ҳатман дар тамос мешавад, вале то ҳол "аз санг садо ҳасту аз барқ нест".

Наход зимистони дарпешистода ҳам ман боз бо пешонии дунгу лаби кафида ба кор оям, ҷанобони барқчӣ? Ё пул ҷамъ карда, ягон дизелча хараму шуморо аз ташвиш озод кунам?

**А. АҲМАДЗОДА,**
**сокини маҳаллаи Чаноро 2**

# ШОДАМ, АММО МЕХӮРАМ ҒАМҲОИ ХАЛҚИ ДИГАРЕ...

**Таърихи инсоният дар маҷмуъ таърихи Сулҳ нест. Он таърихи ҷангу мубориза ва низоъҳо аст, ки ҳамчун шакли сиёсат ҳамсафари ҳаёти одамон аст. Масалан: дар давоми 5 ҳазор сол инсоният ҳамагӣ 292 солро бе ҷанг гузаронидааст.**

Дар олами мо 15,513 солро одамон дар ҷангҳои хурду бузург аз сар гузаронидаанд. Аз ҷумла, ду ҷанги ҷаҳонӣ - ҷанги якуми ҷаҳонӣ солҳои 1914-1918, дуюми ҷаҳонӣ - 1939-1945. Дар ин ҷангҳо миллионҳо одамон ҳалоку хонабардӯшу беватан шуданд.

«Тибқи таҳлили коршиносон, дар шароити кунунӣ зиёда аз 56 давлати дунё дар низоъҳои дохилӣ ва байни ҳамдигарӣ қарор доранд, ки ин ҳолат талафоти ҷонии садҳо ҳазор шаҳрвандони ин кишварҳоро ба бор оварда, миллионҳо нафари дигар аз минтақаҳои даргир ҷилои Ватан гардиданд»,- қайд мекунад Пешвои миллати тоҷикони ҷаҳон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саммити СММ.

Пешвои миллат, ки худ азобҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997-ро бо чашми сар дидаву азобашро кашидааст, гуфтаҳои шоир, Қаҳрамони Тоҷикистон М. Турсунзода - "Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре. Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре"-ро ба хотир оварда, аз СММ талаб кард, ки қатъномаро дар бораи «Даҳсолаи таҳкими Сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул кунад, зеро ҷангу низоъҳои ҳозираи байни кишварҳо аз ҷангҳои якуму дуюми ҷаҳонӣ ба куллӣ фарқ доранд. Ҳозир кишварҳо яроқу аслиҳае доранд, ки дар муддати кӯтоҳ ин ё он кишварро аз рӯи хок нест мекунад.

Мисол: яроқу лавозимоти ҷангии Эрон метавонанд Тел-Авивро дар муддати кӯтоҳ ба хок яксон кунанд. Ё яроқҳои ҳозиразамони ФР, аз кайҳон, агар хоҳанд, дар муддати кӯтоҳ зеру забар мекунанд.

Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи аъзои СММ ба таври одӣ фаҳмониданд, ки офатҳои табиии ҳозира - хушксолӣ, дигаргуншавии иқлим, баланд шудани сатҳи обҳои дарёю баҳрҳо, селу лағжиши замин барои наслҳои имрӯзаю оянда дарди сари зиёдатӣ шудааст.

Бинобар ин, СММ вазифадор аст, ки сарварони ҳамаи давлатҳои аъзои худро ба он даъват намояд, ки амнияти мардумони кишварашонро таъмин намоянд.

Умед аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ Таклифи шашуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ мекунанд.

**Тоҷиддин ҚУРБОНОВ,**
**собиқ омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи инсон**

# БА ТОҶИКСТАНДАРТ САВОЛ ДОРЕД?

**4-уми ноябри соли равон, аз соати 10:00 то 12:00 дар идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва сомонаи Pressa.tj бо муовини якуми директори Агентии Тоҷикстандарт Мирзоён Раҳмоншо Давлат гуфтугӯи мустақим баргузор мешавад.**



Шумо метавонед саволҳои худро қаблан тавассути телефонҳои 999-44-68-54, 93-111-08-61 (телеграм, вотсап), 221-00-84, 223-01-10 ё мессенҷери Pressa.tj дар "Фейсбук" ирсол намоед.

Фишурдаи гуфтугӯи мустақим дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон", сомонаи Pressa.tj ва шабакаҳои иҷтимоии он нашр мешавад.

Агар савол ё пешниҳоде доред ва мехоҳед дар рӯзи гуфтугӯи мустақим бевосита бо муовини якуми директори Агентии Тоҷикстандарт дар иртибот бошед, пас занг занед.

**ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ ИРТИБОТ:**

**999-44-68-54, 93-111-08-61 (Telegram, whatsapp), 221-00-84, 223-01-10**

*НУҚТАИ НАЗАР*

# КОНСТИТУТСИЯ - ҲОМИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



Амин ЗУҲУРОВ,
подполковники милитсия,
устоди Маркази
таълимии ВКД ҶТ

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст ва ба он 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.**

Боис ба қайд аст, ки зарурати муайян намудани заминаи ҳуқуқии таъмини Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, аз ҷумла қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон барвакт ба миён омада буд, аммо бо оғоз шудани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ он ба таъхир афтод. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 12-уми декабри соли 1992, ҳангоми Мурочиати худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъкид намуда буданд, ки "Асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав - давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст".

Мавриди зикр аст, ки дар таҳия ва қабули Конститутсияи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Комиссияи Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург аст. Маҳз бо талошҳои эшон имрӯз мо Конститутсияи ба замони муосир ҷавобгӯ дорем, ки он аз ҷониби мутахассисони байналмилалӣ баҳои баланд гирифтааст.

Сароғози ҳамаи конститутсияҳои давлатҳои демокративу ҳуқуқбунёд пеш аз ҳама ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҳатто, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дахлнопазирии шахсӣ ҳанӯз дар Эъломияи Куруши Кабир соли 539 то мелод кафолат дода шуда буд. Аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷавҳари маърифати ҳуқуқии миллатро Конститутсия ташаккул медиҳад ва дар навбати худ Конститутсия бошад, ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат медиҳад.

Сокинони кишварро мебояд меъёрҳои дахлдори Конститутсияи ҷумҳуриро омӯхта, ҳуқуқу озодиҳои худро ҳифз намоянд. Бинобар ин, донистани Конститутсия ва дигар қонунҳои ҷорӣ вазифаи ҷонӣ ва инсонии ҳар як фарди ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Асосан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд китоби рӯимизии ҳар як сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Алалхусус, дар қатори хизматчиёни давлатӣ, инчунин, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар бораи Конститутсия дорои маълумот бошад, меъёрҳои онро донад, муҳимтарин масъалаҳои дар Конститутсия пешбинишударо аз бар намуда, аз тартиби гузаронидани ҷашну маросим огоҳӣ дошта, арзишҳои асили фарҳанги миллиро ҳифз намуда, хурофоту таассубро пешгирӣ карда, фарзандонро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ таълиму тарбия намоянд.

*ҶИНОЯТ*

# ЛАТУКӮБИ ОМӮЗГОР ДАР КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ




**Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон қазияи латукӯби муаллими мактабро дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ шарҳ дода, сабаби онро "хусумати шахсии ҷонибҳо" арзёбӣ намуд ва таъкид кард, ки "ба раванди таҳсил дар мактаб иртибот надорад".**

27-уми октябр дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн шуд, ки дар синфхонаи мактаб марде омӯзгори ҷавони мактаби №22-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳро бе асос омада, аз синф кашола карда, ба ҳуҷраи муаллимон бурда, латукӯб кардааст.

Муаллиф навишт, ки телефонашро ҳам ба зӯрӣ шикастааст ва ӯ аз рӯи ин қазия ба ШВКД Кӯҳистони Мастчоҳ шикоят кардааст.

Ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хостори ба мақомоти марбута расидани ин қазия шуда, аз масъулин хоҳиш кард, ки ба қазия расидагӣ кунанд.

Дар ин робита Вазорати маориф ва илм вокуниш нишон дод. Дар вокуниш омадааст, ки ҳодисаи мазкур даҳ рӯзи пеш дар мактаби №22-и деҳаи Худгифи Офтоби ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ сурат гирифтааст.

Ба гуфтаи манбаъ, нисфирӯзии 18-уми октябр Аголиқов Ислом ба мактаби зикршуда ворид шуда, бо омӯзгори фанни забони русӣ Ҷумъазода Беҳрӯз, ки ҳамдеҳа ва хешаш мебошад, ҷанҷол мекунад.

"Нофаҳмии мазкур дар заминаи хусумати шахсӣ ба миён омада, ба раванди таълиму тарбия дар муассиса рабт надорад",- омадааст дар вокуниши Вазорати маориф ва илм.

Манбаъ афзуд, ки омӯзгори ҷавон донишҷӯйи курси сеюми шуъбаи фосилавии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд мебошад ва аз 30-юми сентябри соли равон ба кор ҷалб шудааст.

Ба гуфтаи вазорат, омӯзгор аз рӯи таҷриба надоштан "ҳодисаи мазкурро ба фаъолияти омӯзгории худ рабт дода, бо муболиғаи зиёд онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудааст".

"Дар навбати худ, шуъбаи маорифи ноҳия аз кори кардаи омӯзгори ҷавон изҳори нигаронӣ менамояд, чунки номбурда ба дигар масъулини ноҳия, ғайр аз ШВКД, ягон хел муроҷиат накарда, ба шабакаҳои иҷтимоӣ маводи пурмуболиғаро ирсол намудааст",- омадааст дар вокуниш.

Ҳамчунин, таъкид шудааст, шахсоне, ки дар навор дида мешаванд, сокинони деҳа мебошанд, ки барои бохабар шудан аз таҳсили фарзандонашон ба муассиса омадаанд ва ба ҳодисаи мазкур рабт надоранд.

Ба гуфтаи манбаъ, масъалаи мазкур зери назорати вазири маориф ва илм қарор дошта, гурӯҳи корӣ дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти марбута дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ онро мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор медиҳад.

Дар як моҳи охир ин дуюмин қазияи латукӯби омӯзгор дар Тоҷикистон аст. Аввали моҳи октябр Файзихон Раҷабова, омӯзгори мактаби №8-и шаҳри Ваҳдат аз ҷониби модари яке аз хонандагони синфи 8 мавриди латукӯб қарор гирифта буд.



**Ҳукми ҳашт зодаи Тоҷикистон, ки дар куштори як мактаббача дар шаҳри Челябински Русия гумонбар дониста мешаванд, эълон шуд.**

Бо ҳукми додгоҳ Шаҳром Миров то 18 сол, Шаҳзода Сатторов 14 сол, Абдулваҳҳоб Сабуров ба муҳлати 12 сол дар зиндони низоми сахт ва Тоҳир Ҷалилов 9,5 сол зиндонӣ шуданд. Ҳамчунин, Наҷмиддин Имомов ва Ислом Аҳмадов 5,5 сол, Зоир Ҷалилов 5 сол ва Хуршед Одинаев 4,5 сол ҳукм гирифтанд. Ба иттилои мақомоти Русия, моҳи апрели соли 2023 дар як занозанӣ дар назди маркази «Космос» бо ширкати ин шаҳрвандони Тоҷикистон як хонандаи мактаб кушта шуд.



**Манучеҳр Болтуев, сокини шаҳри Хуҷанд аз замони қазияи "Крокус Сити Ҳолл" бедарак шудааст. Ӯ барои муҳоҷирати корӣ ба Русия рафта, дар шаҳру навоҳии атрофи Маскав ба сохтмон машғул буд.**

Бори охир ӯ ҳафт моҳ пеш, шаби 22 ба 23-юми марти соли 2023, дақиқан ҳамон шабе, ки ба толори консерти "Крокус Сити Ҳолл" ҳамла шуд, бо хонаводааш тамос гирифта, мегӯяд, ки аз сабаби шароити бад доштан, тариқи мошин ва аз қаламрави Ӯзбекистон ба Ватан бармегардад. Аммо бо ҳамин дигар бедарак шудааст. Муроҷиати оилаи Манучеҳр Болтуев ба мақомот то ҳол натиҷа надодааст.



**Даврон Ҷабборов, як шаҳрванди Тоҷикистон, ки аз зиндони Липетски Русия фирор карда буд, боздошт шудааст. Ӯ яке аз 6 маҳбуси фирорӣ аст. 5 нафари боқимонда шаҳрвандони Ӯзбекистон ҳастанд.**

Гуфта мешавад, ки ин афрод бо иттиҳоми таҷовуз ба номус, қочоқи маводи муҳаддир ва ғорат зиндонӣ шуда будаанд. Маҳбусон беш аз шаш моҳ нақшаи фирорро тарҳрезӣ карда, нақб кандаанд, ки дарозии умумии он тақрибан 65 метр аст.

# "ШПАРГАЛКА" БАРОИ ФИШОРБАЛАНДОН



**Шумораи шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд, сол то сол мефзояд. Дар мубориза бо ин беморӣ флавоноидҳо-антиоксидантҳои табиие, ки кафидани капиллярҳоро пешгирӣ карда, раванди таъмини майнаи сарро бо кислород ба низом медароранд, нақши муҳим доранд.**

Флавоноидҳо дар таркиби баъзе маҳсулот ба миқдори зарурӣ мавҷуд буда, пайваста истеъмол карданашон барои касоне, ки аз бемории фишорбаландии шараёнӣ азият мекашанд, хеле муфид мебошад. Маҳсулоте, ки чунин антиоксидантҳои табиӣ доранд, инҳоянд:

**1. Чойи кабуд.**
**2. Олуча.**
**3. Нок.**
**4. Себ.**
**5. Донаҳои арахис.**
**6. Шахтути заминӣ.**
**7. Шоколади сиёҳ.**

Барои паст шудани фишори хун ба речаи хӯроки харрӯзаи худ маҳсулоти аз калий ва магний бойро низ илова намудан муфид аст. Инҳо:

**1. Биринҷ.**
**2. Мевагӣ, махсусан апелсин ва мандарин.**
**3. Картошка.**
**4. Ярмаи гандум ва ҷав.**
**5. Хушкмеваҳо.**
**6. Моҳӣ, махсусан хек ва треска.**
**7. Шир, маҳсулоти ширӣ, йогурт.**
**8. Карами баҳрӣ.**
**9. Донагиҳо - лӯбиё, нахӯд.**

# ЧӢ БОЯД КАРД, КИ ЗУКОМ НАШАВЕМ?



**Тавсияи пешгирикунанда аз зуком - ин пеш аз ҳама, риояи реҷаи ҳавоивазкунӣ дар дохили хона, корхона ва муассисаҳои таълимӣ мебошад.**

Бояд ҳамарӯза болои ашёи рӯзгорро бо маводи безараркунӣ ва матоъҳои намнок коркард намуд. Масъалаи дигар - баланд бардоштани масунияти бадан ва обутоби бадан аст. Бештар дар ҳавои тоза сайругашт намудан, истеъмоли хӯроки серғизои аз витаминҳо бой ва афшураи лимӯро низ набояд фаромӯш намуд. Қоидаҳои беҳдоштӣ, яъне шустани даст, худдорӣ аз чойҳои серодамро низ бояд риоя намуд. Шустани дастон бо собун ва оби ширгарм метавонад беш аз 90 фоизи микроорганизмҳои дар даст ҷамъшударо тоза намояд.

Ҳамзамон табибон тавсия медиҳанд, ки барои баланд бардоштани иммунитет меваҳои тару тозаро бояд истеъмол намуд. Инчунин, табибон истеъмоли каду, карам, сирпиёз ва асалро барои нигоҳ доштани қувваи муҳофизатии организм хеле манфиатнок мешуморанд.

Онҳо хусусияти шифобахшии асалро махсус таъкид намуда, иброз медоранд, ки дар як рӯз истеъмоли ду қошуқи чойхӯрӣ асал кофӣ аст, ки инсон дар фасли сармо умуман мубталои бемориҳои сармохӯрдагӣ ва зуком нагардад. Аммо маҳлул намудани асал бо об ва ё чойи гарм тавсия дода намешавад. Чун ин амал хусусияти шифобахшии асалро аз байн мебарад. Инчунин нӯшидани чойҳои гиёҳӣ низ барои тақвият додани иммунитет нақши муҳим мебозад.

МАСЛИҲАТ

# 7 ФОИДАИ СИРПИЁЗ

**Бисёриҳо ба хотири бӯйи нохуш доштанаш аз хӯрдани сирпиёз худдорӣ менамоянд, ҳол он ки барои саломатӣ он бениҳоят муфид мебошад.**

Имрӯз мо дар бораи манфиатҳои сирпиёз ба шумо маълумот медиҳем.

**1.** Сирпиёз иммунитетро мустаҳкам мекунад ва барои мубориза бо шамолхӯрӣ кумак мерасонад.
**2.** Фишори хунро паст мекунад.
**3.** Сатҳи холестеринро дар хун паст мекунад.
**4.** Барои муқовимат ба рушди заъфи кӯҳна ёрӣ мерасонад.
**5.** Қанди хунро паст мекунад.
**6.** Хавфи саратони простатаро коҳиш медиҳад.
**7.** Сирпиёз давои беҳтарин аз хасташавӣ аст.



**Чор дона сирпиёз (тақрибан 28 грамм) ба ҷисми шумо ин моддаҳои муфидро медиҳад:**

*- марганес - тақрибан 23% аз меъёри тавсияшудаи ҳаррӯза;*
*- витамини В6 - 17%;*
*- витамини С - 15%;*
*- селен - 6%.*

## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Аввали ҳафта хеле серкор мешавед, ҳатто бо корхое машғул шуданатон лозим меояд, ки пештар дар бораашон маълумот надоштед. Ҳангоми рафъ намудани мушкилоти молиявӣ бодиққат бошед, хатари аз даст додани маблағи зиёд дар назар аст.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Давоми ҳафта бе кумаку дастгирии дигарон бо кори ҷиддие машғул шудан мехоҳед. Баъзе ҳодисаҳои ногаҳонӣ имкон доранд, ки фавран амал кардани шуморо талаб мекунанд. Дар роҳ вайрон шудани нақлиёт эҳтимол дорад.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Тамоми неру ва маҳорати худро ба амалӣ сохтани нақшаҳоятон равона созед. Дар ин росто дучори монеаҳои зиёд шуданатон имконпазир аст. Аз ухдаи кори зиёд баромада метавонед, ба шарте ки дар назди худ корҳои душворҳал нагузоред.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Нисбати имкониятҳои нави пулкоркунӣ боэҳтиёт бошед, хатари фиреб хӯрданатон дар назар аст. Бо нафаре, ки дӯсташ медоред, муноқиша накунед. Нафарони оиладоре, ки фаркиятҳои синнусолияшон зиёд аст, нисбати якдигар меҳрубонтар мешаванд.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Муносибати сард бо атрофиён аввали ҳафта боиси он мегардад, ки нафаре дар корҳоятон дасти кумак дароз намекунад. Корҳоеро, ки дар ин ҳафта ба нақша мегиред, амалӣ сохтанашон осон мегардад. Шамол хӯрданатон имкон дорад, шабона бо тирезаи кушода хоб накунед.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Азбаски зотан хеле одами бадрашк ҳастед, дар ин ҳафта ҳиссиёти шумо дучанд шуда, дӯстдоштаи худро сахт азият медиҳед. Муноқишаву нофаҳмиҳои кӯчак дар назар аст. Корҳои шахсии худро бо нафароне, ки хуб намешиносед, ҳаллу фасл накунед.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Дар ин ҳафта пайдо шудани сарчашмаҳои нави даромади пулӣ эҳтимол дорад. Рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе барои сафару саёҳат созгор буда, баъзе хабарҳои хуш мешунавед. Вақте расидааст, ки корҳои чанд муддат ба таъхир гузоштаи худро ба анҷом расонед.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Ба дӯши худ кори зиёдро бор накунед, дар акси ҳол, миёнаи ҳафта аз по меафтед. Эҳтимол бо шиносҳои пешин робитаро барқарор карданатон лозим меояд. Дар баъзе ҳолатҳо бо атрофиён забон ёфтанатон кори душвор мешавад. Саломатиятон рӯ ба беҳбудӣ меорад.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Воқеаҳои хурсандибахш бо ҳодисаҳои ногувор чои худро иваз мекунанду аз пайи комёбӣ нобарорӣ низ сар мезанад. Аксари зодагони мучали қавсро лозим меояд, ки корҳои дигаронро ба дӯш гиранд. Ба иғво дода нашавед.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Дар касбу коратон камбудие сар намезанад, дар ҳаёти шахсиятон бошад, тағйироти мусбат имкон дорад. Аз кумаку дастгирӣ рӯ нагардонед, давоми ҳафта кӯшиш намоед, ки хамеша зебову хушлибос бошед. Ҳамдигарфаҳмӣ зиндагиятонро ширин месозад.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Барои тамоми корҳоятон вақту неруи бештари худро сарф карданатон лозим меояд. Ҳафтаи хубест барои кор кардан дар муҳити ҳамфикрон. Муносибатҳо бо наздикон, ҳамкорон, шахси дӯстдошта ё кӯдакон хеле хубу самимӣ сурат мегирад. Рӯзи шанбе омадани меҳмон дар назар аст.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Қисми зиёди нақшаву ниятҳои худро амалӣ месозед, вале рӯзи душанбе кореро ба нақша нагиред, дар акси ҳол худро бад ҳис карда, руҳафтодаву маъюс мегардед. Рӯзҳои истироҳат барои нафарони муҷаррад лаҳзаҳои ширини ошиқона ҳадя месозад.

# БУЗУРГТАРИН БОХТИ ОДАМИЗОД

(Аввалаш дар саҳ.8)

Мутаассифона, мо қадам ба қадам иштибоҳҳои худро такрор мекунем, рӯзҳо, лаҳазот ва сонияҳоро такрор мекунем, бехабар аз он ки дар кулбори мо аз ин сонияҳову дақиқаҳо камтар мондаанд...

### БАРДОШТ АЗ ЗИНДАГИИ СӮЗАНАК

Дар рӯзгори навҷавонӣ ҳодии иршодамон устод Абдулманнони Насриддин моро бо аҳли хонавода ба сайри шолизор бурданд. Ва он ҷо ҳазорон ҳазор гулпаракҳо, яъне сӯзанакҳо парвоз мекарданд. Ман рақси гулпаракҳоро тамошо мекардам ва шеъри устод Бозор Собир дар хотирам рӯшан шуд:

*Қишлоқаки ман ки тозаву тар бошад,*
*Ҳар сӯзанакаш сӯзани модар бошад...*

Ва ҳамон вақт фикр кардам, ки оё мо - инсонҳо ба ҳадди як сӯзанак, ба ҳадди як гулпарак метавонем ба дили мардум ништи маъсум ҳадя кунем?!

Олимон ҳисоб кардаанд, ки барои зиндагии ҳар инсон 200 дарахт сарф мешавад: барои гаҳворааш, барои тобуташ, хонаву дару тиреза, мизу курсиаш, ҳатто барои китобу рӯзномае, ки мехонад. Дар посух ба ин мо дар ҳаёти худ чанд дарахт мешинонем?

Бо ҳамин пайванд меҳоҳам зикр кунам, ки инсон бояд дар гармонияи зебо дар пайванди мунаввар, мусалсал мураттаб ва мавзун бо тамоми мавҷудот, бо нобот бо ҷонварон, бо ҷамод ва бо худи инсон зиндагӣ кунад ва фарҳанги ҳамзистиро бо ин ҳама биёмӯзад, зеро ҳамон як гулпараки хурд бе баҳра аз нури илоҳӣ нест, як сӯзанак мазҳари эъҷози худовандист. Як сӯзанак ибтидои зебоии Худованд аст, ки метавонад ба наҷоти мо расад, нияти бадро дар вуҷуди мо маҳв созад, зебоиро таваллуд кунад ва моро инсонтар созад.

### ЧАРО АЗ БАНДА ҲОҶАТХОҲ БУДАН…

Анна Ахматова - бузургтарин шоири рус дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр дар вазъи душвор қарор дошт. Ба Тошканд омада буд ва дар манзилаш на сӯзишворӣ дошт, на хӯрданӣ. Дӯстон ба ӯ маслиҳат медиҳанд, ки ба ину он ташкилоту созмонҳо нома навис, аз дӯстон хезум ва хӯрданӣ хоҳиш кун. Аммо Ахматова ҷавоб медиҳад, ки ҳаргиз ба касе ҳоҷат ва ниёз намебарам.

*Чаро аз банда ҳоҷатхоҳ будан,*
*Чунин ҷӯёи ноогоҳ будан.*
*Ба сад даргоҳ сар хастан ба зиллат,*
*Вале ғофил зи як даргоҳ будан.*

Ман бехтараш ба як дашти кушод меравам ва дароз кашида мегӯям, ки эй Худоҷон, агар фурсаташ фаро расидааст, ҷонамро гир ва агар не, барои ман ризқ фирист. - мегӯяд Ахматова.

Ҳамин ҳарфро ба забон овард, ки дарашро мекӯбанд ва ба ӯ хабарнома меоранд, ки дар фалон маҳалла шеърҳоят ҷоп шудааст пулашро рафта гир. Меравад ба шуъбаи алоқа, пулро мегирад ва раҳорах фикр мекунад, ки бо ин пул орд мехарам, биринҷу равған мехарам..., ки нафаре дар роҳ ӯро медорад ва мегӯяд: “Хоҳари азиз, ман чандин сол сардори



як корхонаи бузурги Челябинск будам. Баъдан солҳо дар ҳабс будам. Ҳамин ҳоло раҳо шудам, хоҳиш мекунам, ки ба ман андак кумак кунед, ки ба Ватан баргардам...”. Ва Ахматова тамоми пулашро ба ӯ мебахшад...

Вақте Ахматова ба хона бармегардад, нафаре аз ихлосмандонаш ба дидораш омада барояш орд, биринҷ ва равған оварда буд...

### ҲАРГИЗ ПОМОЛ НАШУДАН

Барои як зан муҳим аст, ки сарафрозӣ ва иззату шараферо, ки Худованд барояш насиб кардааст, ҳифз кунад. Яъне ҳаргиз залил набудан, ҳаргиз дар мақоми уфтодагӣ қарор нагирифтан, ҳаргиз помол нашудан ва иҷозат надодан, ки дигарҳо бо тамасхур ба ту нигоҳ кунанд ва вуҷуди туро фарьӣ донанд. Дар бобари ин вуҷуди мардро хеле бузург ва муқаддам донистан...

Ҳама кас бояд дар ҷойи худаш бошад. Масалан, дар рӯзгори ҳазрати Ҷомӣ зане зиндагӣ мекард, ки шеър менавишт. Ҳазрати Ҷомӣ мадраса бино мекарданд, ӯ ҳам бино мекард, масҷид месохтанд, ӯ ҳам месохт, китобхона бунёд мекарданд, ӯ ҳам мекард, аммо Ҷомӣ нашуд. Ва натанҳо Ҷомӣ нашуд, балки натавонист ба мартабаи мардонагӣ бирасад. Чаро? Зеро ҳар кас бояд кореро кунад, ки ба дӯши ӯ ва ба тааҳҳуди ӯ аз осмонҳо омадааст, “ҳар киро аз баҳри коре сохтанд” ва набояд, ки дар пайравӣ ва тақлид корҳоеро кунад, ки шоистаи ӯ нест.

### БАДӢ ХУДАШРО МАҲВ МЕКУНАД…

Дар солҳои таъқиботи сталинӣ нафаре бо унвони “душмани халқ” дар кӯча мегашт. Нафаре ӯро мебинад ва мегӯяд “ачаб, шумо душманони халқ ҳанӯз ҳам зиндаед?”. Ва ин посух медиҳад: “Агар хост хости ту буд, кайҳо мурда будем, вале азбаски хост хости Худованд аст, мо зиндаем”.

Баъзан фикр мекунем, ки чаро 42 бор ба ҷони Гитлер сӯиқасд шуд ва Худованд ӯро зинда нигоҳ дошт? Шояд ҳикматаш ин аст, ки Эзиди ҷаҳондор мехост мову шумо онро фаҳмем, ки бадӣ худаш худашро маҳв мекунад, бинобар ин, Гитлер худкушӣ кард.

Аммо некӣ хосияте дорад, ки тоза ба тоза зинда шавад...

### ВАЗИФАИ БУЗУРГИ ШЕЪР

Мегӯянд, асри XXI асри ҷаҳонишавӣ, асри иттилоот, асри пешрафти технология аст ва ниёзе ба шеър нест. Агар ба ин ҳуруф бовар кунем, дигар бояд диламон истеъфо диҳад аз дил будан, аз тапиш таътил кунад ва ба рухсатӣ биравад, дигар ба худ иҷоза надиҳем, ки ҳарфе мавзун кунем ва нигоҳ кунем ба дунё, яъне ки барои нигоҳи шоирона, барои ҳастӣ, барои сухане мавзун кардан, барои дӯст доштан, барои танаффус кардан ва нафас кашидан ҳуқуқ надорем.

Хушбахтона, банда дар Аврпуо ҳам будам ва дар он ҷо ҳам ҳанӯз инсонҳои ошиқу шефтаву ҷонсӯхтаву ташнаву иштиёқманд ҳастанд, ки бо хаёли шеър дилашон метапад. Онҳо фикр мекунанд, ки шеър ва сухани мавзун агар андешаи олӣ ва ормони бузургро дар дохилаш нуҳуфта ва пазируфта бошад, метавонад барои инсонтар шудани инсонҳо, барои начибтар шудани андешаҳо, барои сууди фитрат ва фикрати инсонҳо кумак кунад, яъне дар дӯши шеър, ҳатто дар Аврупо ҳам ҳанӯз вазоиф, рисолат ва тааҳҳуди хеле бузург ҳаст.

### БА ҚОСИДИ ФАРДО

Хаёл мекунам, ки мардуми мо, ҳатто одамони маъмулӣ наметавонанд бидуни шеър нафас бикашанд. Мардуми Ғарб метавонанд, вале мардуми Шарқ, хоса миллати тоҷик ҳанӯз наметавонад бидуни шеър зиндагӣ кунад, шеър барояш қути ҷон аст, шеър барояш ғизои ҳамарӯзист, мояву ҷонмояи муҳаббатҳост, ҳарфҳои дилашро, дардҳояшро, сӯгҳои ҷонашро, сурҳои равонашро наметавонад бидуни шеър ва сухани мавзун баён кунад.

*Дуруд, эй қосиди фардо,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш,*
*Навиншоиву ноифшо,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*
*Видоъ, эй рафтаи ширин,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш,*
*Дуруд ояндаи зебо,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*
*Чӣ мерақсӣ даруни хонаҳои*
*сина рӯзу шаб,*
*Дил, эй дил, солики танҳо,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*
*Агарчӣ зери дасти туст,*
*натвонӣ чашид охир*
*Аз ин қанду аз он ҳалво,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*
*Чӣ гулгардон, чӣ атрафшон,*
*чӣ ҷонҷон муҳаббат рафт,*
*Ба ёдаш низ салламно,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*
*Ало, инсон, дари баста,*
*ба рӯи худ, барои худ,*
*Ту кай во мешавӣ, кай во,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*
*Муҳаббатномаҳои ман*
*ба унвони Банӣ Одам*
*Дар он боло бишуд имзо,*
*шабат хуш боду рӯзат хуш.*

**Таснифи Одил НОЗИР**

## МАВЛУДНОМА

**• 31 ОКТЯБР •**

**Эргаш Бобоев** (1934-1994), 90-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

**Алексей Зегелман** (1924), 100-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

**Ҷамолиддин Шамсиев** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Зайниддин Шарифов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 1 НОЯБР •**

**Оим Абдуллоева** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Бисабоҳат Исмоилова** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Баҳром Фирӯз** (1939-1994), 85-солагии зодрӯзи шоир ва нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Сарвиноз Ҳоҷиева** (1964), 60-солагии зодрӯзи рассом, журналист.

**• 2 НОЯБР •**

**Бозоралӣ Асламов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Григорий Бройдо** (1884-1967), 140-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ, солҳои 1933-1934 Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон.

**Мӯсо Ғулом** (1909-1971), 105-солагии зодрӯзи шоир.

**Сайдалӣ Тоҳиров** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (роҳсозӣ).

**• 3 НОЯБР •**

**Иброҳим Қосимов** (1934-2004), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Масъуд Муллоҷонов** (1929), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, мунаққид, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Ҷалил Пириев** (1964), 60-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Фарзона (Иноят Хоҷаева)** (1964), 60-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А.Рӯдакӣ.

**• 4 НОЯБР •**

**Абдураҳим Абдуллоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Мира Бубнова** (1929-2016), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

**Сардор Раҳдор** (1954), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Абдуҷалил Самадов** (1949-2002), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Бекназари Тӯйназар** (1949), 75-солагии зодрӯзи шоир (Самарқанд).

**Олимҷон Умаров** (1939-1998), 85-солагии зодрӯзи наттоқи радио, журналист.

**Николай Платэ** (1934-2007), 90-солагии зодрӯзи химики рус, академик, узви хориҷии АМИ Тоҷикистон.

**• 5 НОЯБР •**

**Зафар Аслонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Василий Бартолд** (1869-1930), 155-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, академик.

**Аҳрор Мухторов** (1924-2008), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, академики АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

**Ҷамол Қосимов** (1919), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ, профессор.

**Эшонқул Нуъмонов** (1919-1991), 105-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, академики АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

**Ҳасан Расулов** (1929-2010), 95-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Муҳаммадқул Ҳазратқулов** (1944-2020), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шиносномаи техникӣ ба номи Иброҳимов Давлатхуҷа Исмоилович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, маҳаллаи Гулбутта 4, хонаи 481, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-АТА №1436386, ба номи Азизаи Сироҷиддин, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №58-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи хориҷӣ, 402919521, ба номи Гулова Шаҳло Мираҳмадовна, ки санаи 18.12.2019 аз ШВКД ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0930002, ба номи Додобоев Умедҷон Ҳакимович, ки соли 2021 аз ҷониби МТМУ №8-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Иқтибоси МД "Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шифобахш"", РЯМ: 0410013652, РМА: 040007047, ки аз 09.02.2007 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи қонунигардонии дороиҳо аз 12.03.2022, №0000686, ба номи Муҳамадиев Иноятшо Тавакалшоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Сарикиштӣ 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома ба номи Юсупова Манзура, РМА: 335909452, РЯМ: 3330076741, беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ рақами 0106175, ки Муассисаи таълимии хусусии "Литсейи Раҳнамо"-и шаҳри Душанбе санаи 24.06.2015 ба Шаҳруз Зиёбойзода додааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

►Шиносномаи гумшуда тахти № A05530793, ки он соли 2024 аз тарафи ШВКД н. Балҷувон ба Юсуфзода Алишер Қурбоналӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►Кооперативи тиҷоратии «Алмурод 2011», РМА: 330011297, РЯМ: 3310007030 барҳам мехӯрад.



Пойтахти давлат дар Аврупо; Ғаллаи ҷинси лӯбиё; Бандар дар соҳили дарёи Дон; Одами чечакрӯ
сарафроз, ифтихорманд; Адаш ..., нависандаи тоҷик; Шӯрои олии калисо; Гулӯлаи тарканда; Асари Евклид; Вазири мудофиаи Русия; Моҳи баҳор; Санги сулаймонӣ, ақиқи рах-рах
Қаҳри духтарона; Ағбаи ... (роҳи нав); Yb - унсури кимиёвӣ
Калимаҳои бо ҳам зид; Вулқон дар Мексика; Сардори ошпазҳо; Асъори миллии Гамбия; Сози тории қадимаи аврупоӣ; Устод, тарбиятгар; Алиш
Як намуди маҳсулоти оҳанӣ ва чӯбӣ; Нақлиёти бобоғӣ; Ҷонишини ишоратӣ
Золим, ситамгар; Ифтихорнома; Дамидагӣ дар аъзои бадан; Кристиан ..., тарроҳи фаронсавӣ; "..., ки кӯҳан буданду ..., ки наванд" (У Хайём); Доимо, ҳамеша
Беҳокимиятӣ, бесарӣ; ... у зинат; Орд, хамир, об, намак; Суд, манфиат
Зан дар Инглистон; Фазо, осмон; Арақи бадан; Дорбоз
Аз сидқи дил; Шоҳмотбози ҳиндӣ; Қасдан, дидаю дониста
Шаҳр дар Ҷопон; Оҳор, мурғобӣ
Шаҳр дар Арманистон; Пойтахти яке аз давлатҳои Осиё; Тарӣ, рутубат.
Кинотеатр дар Маскав; Модари Муҳаммад (с); Қаиқ бо забони русӣ; Лаҳзаи оғозёбии мусобиқа
Шабеҳ, ҳамчун, мисл; Иттиҳоди ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ; Авом, халқи оддӣ
Филм бо иштироки Фандор; Як фикраи Қуръон
Автомобили рамзаш чор ҳалқа; Зарфе, ки нон нигоҳ медоранд; Сабаб, боис, ваҷҳ; Моҳона
Фиреб, ҳилла; Вазнингӯш; Сағир, бекас
Дунё, гетӣ.
Ҳолати шармандавор дар бокс; Адади зарурии иштирокчиёни маҷлис; Тақсимоти рӯи ҷадвал; Маҷмӯаи асарҳои графикӣ дар Вена; Образи бом; Дарё дар Қӯрғонтеппа
Беҳаракатӣ, сукунат; Саховат, олиҳимматӣ; Фахриддин ..., овозхони маъруфи ӯзбек; Сокит, хомӯш.
Номи қадимии Рим; Асъори миллии озариҳо; Шаҳри қаҳрамон дар Русия; Сӯхтани чӯб, ангишт; Осоиштагӣ, амонӣ, тинҷӣ
Ялта; Матои абрешимӣ; Бандари асосии Коста-Рика; ... Дасаев, дарвозабони футбол; Ҳайвони ширдеҳ; Айвон, шипанг.
Қайлаи помидор; Яке аз амалҳои бахшӣ; Ҷумҳурии ...и Афғонистон; Дарё дар Гурҷистон; ... ТАСС; Асари илмӣ; Газҳои ...
Шарм, изо; Шаҳр дар Финландия; Бародар (лаҳҷ.); Тамғаи мошини ҷопонӣ
Омодагӣ, тайёрӣ; Пӯшок, пӯшиданӣ; Жанри адабӣ; Дафъа, бор, карат; Худозада
Роҳ, равиш, тариқа; Овози пасту ғафси мардона; Идораи қонуният, адолат
Шодмонӣ, шодӣ.; берун раванда, бароянда; Асар, амал; Сози скрипкашакл

## ҶОМИ ОСИЁ

# НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН БА ФИНАЛИ ҶОМИ ОСИЁ-2025 РОҲ ЁФТАНД

**Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-17) дар даври интихобии Ҷоми Осиё-2025 дар Сингапур дар як гурӯҳ бо дастаҳои Гуам, Сингапур ва Уммон бозӣ кард ва соҳиби роҳхат ба даври финалии ин мусобиқа шуд.**

Шогирдони мутахассиси итолиёӣ Марко Рачинӣ дар бозии якум ҳангома карданд ва ба дарвозаи дастаи Гуам 33 гол задаанду худ голе ҳам сар надоданд. Наврасони Тоҷикистон дар бозии дуюм бо соҳибони майдон бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуданд ва



дар даври ниҳоии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 бар ҳамсолони худ аз Уммон бо ҳисоби 2:0 ғолиб омаданд.

Ҳамин тавр, наврасони Тоҷикистон бо се пирӯзӣ ва нуҳ имтиёз дар гурӯҳи «J» мақоми аввалро касб карда, ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2025, ки аз 3-юм то 20-уми апрел дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, роҳ ёфтанд.

**Дастаҳои Арабистони Саудӣ (мизбон), Кореяи Шимолӣ, Афғонистон, Кореяи Ҷанубӣ, Тайланд, Ӯзбекистон, Ҷопон, Австралия, Аморати Араб, Яман, Чин, Ветнам, Индонезия, Эрон ва Уммон низ дар ин мусобиқа ширкат мекунанд.**

## ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР «ДЕРБИИ СУҒДӢ» ДАСТАИ «ХУҶАНД» ПИРӮЗ ШУД




**Дар даври 20-уми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон як бозӣ мусовӣ анҷом ёфт, дар се бозӣ меҳмонон ва дар ду бозии дигар соҳибони майдон ғолиб омаданд.**

«Кӯктош» дар майдони худ аз дастаи «Вахш» бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд. «Регар-ТадАЗ» низ дар Турсунзода аз дастаи КМВА бо ҳисоби 2:3 шикаст хӯрд. Боз як дастаи дигаре, ки дар назди мухлисони худ ба нокомӣ дучор шуд, «Ҳосилот» аст, ки бозиро бо ҳисоби 0:1 ба «Равшан» бохт.

Дар «дербии суғдӣ» дастаи «Хуҷанд» тавонист бар «Истаравшан» бо ҳисоби 3:1 пирӯз шавад. «Истиқлол» низ тавонист бо ҳисоби бузург бар «Панҷшер» ғолиб ояд. Ба панҷ голи соҳибони майдон меҳмонон натавонистанд ҷавоб гардонанд.

Бозие, ки мусовӣ анҷом ёфт, бозии охирини ин давр миёни дастаҳои «Баркчӣ» ва «Эсхата» буд, ки бо ҳисоби 2:2 ба охир расид.

Ҳоло «Истиқлол» бо 45 имтиёз аз 16 бозӣ дар ҷадвал якум аст. «Хуҷанд» аз 18 бозӣ 37 имтиёз ба даст оварда, дуюм аст. КМВА дар 20 бозӣ 36 имтиёз ба даст овардааст ва дар зинаи сеюм қарор дорад.

## FIFA

# ТОҶИКИСТОН ДАР РАДДАБАНДИИ ҶАҲОНӢ ДУ ЗИНА ПОЁН ШУД

**Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) раддабандии навшудаи дастаҳои мунтахаби аъзояшро нашр кард. Тибқи маълумоти нашршуда, дастаи мунтахаби Тоҷикистон ду зина поён рафта, бо 1196,98 имтиёз дар зинаи 105-ум (қаблан дар мақоми 103-юм буд) қарор дорад.**

Ин натиҷа дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба дастаи Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ҷои сеюм қарор гирад. Дар ин минтақа пешсафиро Ӯзбекистон аз даст надода, дар раддабандии ҷаҳонӣ дар ҷойи 58-ум аст. Дастаи дуюм дар Осиёи Марказӣ Қирғизистон (дар ҷаҳон 103-юм), баъд Қазоқистон (107) ва панҷум Туркманистон (144) ҳастанд.

Раддабандии умумии FIFA 210 дастаро дар бар мегирад. Қаҳрамони ҷаҳон, тими миллии Аргентина дар ҷойи аввал (1883,5 хол), дастаи мунтахаби Фаронса дар ҷойи дуюм (1859,8) боқӣ мондаанд. Ба панҷгонаи беҳтарин Испания (1844,3), Англия (1807,8) ва Бразилия (1784,4) шомиланд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон миёни дастаҳои Осиё дар зинаи 18-ум қарор дорад. Дар ин ҷо пешсаф Ҷопон аст, ки се зина боло рафта, дар ҷаҳон 15-ум дар ҷаҳон қарор дорад. Баъд Эрон (19) ва Кореяи Ҷанубӣ (22) дар ду зинаи дигари аввал қарор доранд. Ба даҳгонаи беҳтарини Осиё Австралия (24), Қатар (46), Ироқ (56), Ӯзбекистон (58), Арабистони Саудӣ (59), Урдун (64) ва Аморати Араб (68) шомиланд.

## САМБО

# 11 МЕДАЛИ ТИЛОИ УСТОДОНИ ВАРЗИШИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Аз 25 то 27-уми октябр дар Душанбе Чемпионати ҷаҳонии самбо миёни устодон, собиқадорони ин намуди варзиш баргузор шуд. Зӯрозмоиҳо миёни паҳлавонони аз 35-сола боло дар 7 синну сол гузаронида шуданд.**

Собиқадорони самбои Тоҷикистон дар мусобиқа сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштанд. Дар категорияи М1 Мустафо Ҳасанов (71 кг) медали тило, Мақсадшо Бердиев (88 кг) нуқра, Маҳмадшариф Зикруллоев (64 кг), Негматулло Абдуллоев (79 кг), Отамурод Ашӯров, Файзалӣ Яхшибеков (+98 кг) медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Дар категорияи М2 Миралӣ Меҳбуллоев (64 кг), Зиёдулло Нигматов (98 кг) тило, Замончон Умаров (71 кг) нуқра,



Ҷонибек Маҳмудзода (79 кг), Собирҷон Сулаймонов (88 кг), Ғайратшо Зикруллоев (98 кг) биринҷӣ гирифтанд. Дар категорияи М3 Ҷаҳонгир Сулаймонов (88 кг) ва Абдулҳамид Раҳимов (98 кг) ҷойи аввал, Фаридун Устопиров (+98 кг) ҷойи дуюм, Муҳаммад Маҳмадрасулов (64 кг), Фахриддин Амиршоев, Ҷобир Назаров (71 кг) ҷойи сеюмро сазовор гардиданд.

Дар категорияи М4 Баҳриддин Ҷамолов (64 кг), Фарҳод Раҳматуллоев (88 кг) ба гирифтани медали тило, Абдураҳмон Абдуллоев (71 кг), Хуршед Норов (79 кг), Хуршед Каримов (88 кг) нуқра ва Зайниддин Максудов (79 кг) ба дарёфти медали биринҷӣ мушарраф шуданд.

Дар категорияи М5 Умар Холиқов (64 кг), Шавкат Дадабоев (+98 кг) нуқра, Хушвахт Дустумбоев (71 кг), Маҳмадулло Давлатов (79 кг), Қиёмиддин Хоҷаев (88 кг), Шариф Қурбонов (+98 кг) биринҷӣ, дар категорияи М6 Саламшо Муҳаббатов (98 кг), Хайрулло Назриев (+98 кг) тило, Фарҳод Ризозода (98 кг) нуқра, Умар Сафаров (64 кг), Пулодҷон Файзиев (71 кг) биринҷӣ ва дар категорияи М7 Маҳмадшариф Сулаймонов (88 кг), Зайдулло Қурбонов (98 кг) тило, Баллаҷон Шарипов (88 кг) нуқра, Қурбонхон Шоев (71 кг), Назриддин Саноев (79 кг), Холмирзо Маҳмадалиев (+98 кг) биринҷӣ ба даст оварданд.

## РЕЗААХБОР



Нимҳимоятгари дастаи "Манчестер Сити" ва бозигари тими миллии Испания Родриго Эрнандес (Родрӣ) ҷоизаи "Тӯби тилоӣ"-ро, ки маҷаллаи фаронсавии France Football ба беҳтарин футболбози сол медиҳад, соҳиб шуд. Родрӣ ба маросими супурдани ҷоиза ба Порис бо асобағал омад. Дар охири моҳи сентябр ӯ дар бозӣ бо Арсенал захмӣ шуда буд.

***

Барандаи ҷоизаи "Тӯби тилоӣ" миёни занон Айтана Бонматии испанӣ аз "Барселона" гардид. Беҳтарин тими соли 2024 «Реал Мадрид» дониста шуд ва ҷоизаи беҳтарин бозигари ҷавон ба нимҳимоятгари 17-солаи «Барселона» ва тими миллии Испания Ламин Ямал дода шуд.



***

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар рӯзҳои FIFA дар Душанбе ба дастаҳои мунтахаби Афғонистон ва Непал бозиҳои санҷишӣ анҷом медиҳад. 13-уми ноябр Тоҷикистон бо Непал бозӣ мекунад. 16-уми ноябр дар Душанбе бозии Непал ва Афғонистон баргузор мешавад. 19-уми ноябр дастаҳои мунтахаби Тоҷикистону Афғонистон бозӣ мекунанд.

***

Бозиҳои даври дуюми Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2024 баргузор шуданд.

"Хуҷанд" бо ҳисоби бузурги 0:16 аз дастаи «Сипар» шикаст хӯрд. «Регар» аз дастаи «Соро Компания» бо ҳисоби 1:6 мағлуб шуд. "Амонатбонк" ба осонӣ тавонист "Пойтахт"-ро бо ҳисоби 6:1 ноком кунад. Бозии дастаҳои "Истаравшан" ва "Истиқлол" мусовӣ - 2:2 ба охир расид.




### САБАБ

Мард аз зани фарбеҳе сабаби вазни зиёд доштанашро пурсид. Зан гуфт:

- Ман асабӣ шавам, фақат хӯрок мехӯрам.

Мард гуфт:

- Аз афтат маълум, ки дар умрат ягон рӯзи оромиро надидаӣ!

### МАСЛИҲАТ

Коргар ба назди роҳбар омада, мегӯяд:

- Рафиқ директор. Занам гуфт, ки агар маошамро баланд накунед, корро бас мекунам!

Директор дар ҷавоб:

- Ман ҷавобашро пагоҳ мегӯям. Аввал бояд бо зани худам маслиҳат кунам.

### ОШИҚ

Мард давида ба хона медароёду дод мезанад:

- Ман ҳамаашро медонам! Канӣ вай?

Зан:

- Намедонам ту киро мекобӣ!

Мард ба писараш:

- Писарам ба ман ёрӣ деҳ, ки ошиқи очаатро ёбам!

Бача сарашро ба зери кат андохта, мегӯяд:

- Амаки Ғарибшо, ошиқи очама надидӣ?

### ВАҲШӢ

Генерал ва сарбоз ба ҷангал даромаданд. Ногаҳон аз пешашон буз давида гузашт.

- Чаро напаррондӣ?,- пурсид генерал аз сарбоз.
- Хаёл кардам, ки бузи хонагӣ аст,- ҷавоб дод сарбоз.
- Аблаҳ! Дар ҷангал ҳама чиз ваҳшӣ аст!,- танбеҳ дод ӯро генерал.

Боз чанд қадам заданд, ки ногаҳон сарбоз тир холӣ карду фиғони ҷонкоҳ баромад.

- Чиро паррондӣ?,- пурсид генерал.
- Зани ваҳширо, рафиқ генерал!

### ОДОБ

Зане аз дугонааш мепурсад:

- Фотима, одоби муошират чист?

Фотима дар ҷавоб:

- Одоби муошират ҳамин аст, ки бо дидани баъзеҳо зери лаб "аблаҳи худозада" гӯён, андеша мекунӣ, вале "асалому алайкум" мегӯӣ!

### ЗАНИ БЕЗЕБ

Ду мӯйсафед дар хараки таги бед бо ҳам дарди дил мекунанд.

Якеаш мегӯяд:

-Занам ҳар рӯз аз ман талаби ҳамхобагӣ мекунад, ман бошам, пир шудаам, дигар мадор надорам, намедонам чӣ кор кунам. Ҳатто худам барояш шавҳар кофтам, вале касе дар деҳа ӯро ба занӣ гирифтан намехоҳад.

Мӯйсафеди дигарӣ мегӯяд:

-Ман ба ту чанд сол пеш гуфта будам, ки зани безеб нагир, вагарна як умр дарди сарат мешавад.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

### БЕМОР

- Куҷоятон дард мекунад, бемор?
- Ҳама ҷоям, духтур. Ангуштамро ба куҷои баданам гузорам, дард мекунад.
- Охир ангуштатон шикастагӣ аст...

### САВОЛ

Мегӯянд, ки зан ними мард аст. Мехостам бифаҳмам: занеро, ки 120 кг асту шавҳараш 60 кг, ними мард гуфтан дуруст аст ё не?!...

### АСРОРИ ДАРОЗУМРӢ

- Бобо, шумо чандсола ҳастед?
- Навадсола, бачам.
- Тамоми умр чӯпонӣ кардаед?
- Бале.
- Сабаби дарозумриятон шояд обу ҳавои тозаи кӯҳсор бошад?
- Не, дар дигар ҷост.
- Дар чист?
- Сабаб ин аст, ки ман ҳама умр ба сари гӯсфандон дод задаам, на баръакс...

### ОИНА

Ду дугона дар тарабхона нӯшида истода буданд. Яктааш ба дигарӣ гуфт:

- Нигоҳ кун, паси хоо ана он миз ду ҷалоҷин нишастаанд. Ману ту баъди даҳ сол мисли онҳо мешавем.

Дуюмӣ гуфт:

- Беақл, он ҷо оина аст...

### ШИКВА

- Дугона, зиндагии духтарат чӣ хел?
- Бисёр нағз, дугона. Шавҳараш меҳрубон, тилловорияш меҳарад, ҳатто ба осоишгоҳ мебарад.
- Писарат чӣ?
- Эҳ, дугона, писарам бошад, дар зиндагӣ омад накард. Занаш ганда. Гоҳ маҷбураш мекунад, ки тилловорӣ харад, гоҳ ба осоишгоҳ барад...

### ТАВСИЯ

Мехоҳед, ки дар зиндагиятон лаҳзаҳои фаромӯшнашаванда зиёд бошанд?! Пас, барои мустаҳкам кардани хотираатон дору нӯшед...

### ПРОБЛЕМА

- Дирӯз пеши духтури асаб рафта будам.
- Хайр, чӣ гуфт?
- Гуфт, ки шаб тамоми проблемаҳоямро аз дар берун монда, дар бораи чизе фикр накарда, бахузур хоб равам, асабҳоям ором мешаванд.
- Гуфтагияшро кардӣ?
- Занам ҳеҷ розӣ намешавад, ки дар берун хоб равад...

### РЕҶАИ НӮШИДАН

- Дӯстам, ту дар як моҳ чанд бор менӯшӣ?
- Ҳар хел. Вобаста ба моҳ аст. Гоҳо 31 бор, гоҳе 30 бор. Мешавад, ки 28 бор...

### ХУДКУШӢ

- Дар вақташ барои ман чанд духтар қариб худкушӣ мекарданд...
-Наход? Чӣ хел?
-Ана ҳамин хел. Ҳар кадомаш гуфтаст, ки агар маро ба ҳамин кас диҳед, худамро мекушам...

### НИМИ МАРД

Мегӯянд, ки зан ними мард аст. Мехостам бифаҳмам: занеро, ки 120 кг асту шавҳараш 60 кг, ними мард гуфтан дуруст аст ё не?!...

### ИНТЕРНЕТ

Умари Хайём гуфтааст:

"Интернетро чашми дидан надорам... Ҳамеша он ҷо аз номи ман суханҳоеро менависанд, ки дар умрам нагуфтаам..."

**Хайрулло БАСРИДДИНОВ**

## Сканворд

